КОНСТИТУТСИЯ – ШИНОСНОМАИ МИЛЛАТ

ИНСОН, ҲУҚУҚ ВА ОЗОДИҲОИ Ӯ АРЗИШИ ОЛӢ МЕБОШАНД

# МИНБАРИ ҲУҚУҚШИНОС

E-mail: law.tnu.tj@gmail.com

НАШРИЯИ ФАКУЛТЕТИ ҲУҚУҚШИНОСИИ ДМТ **** № 15-16 (157-158) 5-УМИ НОЯБРИ СОЛИ 2021, ҶУМЪА


Боиси ифтихору шукргузорист, ки имрӯз мардуми шарафманди тоҷик дар фазои сулҳу субот ва оромиву осоиштагӣ 27-умин солгарди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистонро таҷлил менамоянд. Маҳз дар натиҷаи татбиқи бомароми меъёрҳои Қонуни асосӣ ва амалисозииислоҳоти конститутсионӣ дар тамоми соҳаҳои хоҷагии халқи мамлакат ва фаъолияти давлатӣ дигаргуниҳои куллӣ ва таҳаввулоти азим ба вуқуъ пайваста, барои таъмини зиндагии арзанда ва пурнишоти сокинони кишвар, рушди бемайлони иқтисоди миллӣ, таҳкими рукнҳои давлатдорӣ, ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ ва афзун намудани нуфузу эътибори Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ шароити арзанда фароҳам оварда шуданд.

Мо дар рӯзҳое ҷашни навбатии ин санади сарнавиштсозро таҷлил менамоем, ки соли равон дар Ватани маҳбубамон 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо шукуҳу шаҳомати хосса таҷлил мегардад. Бо шукргузорӣ аз самараву баракати Истиқлоли давлатӣ, дар натиҷаи ибтикороти пайвастаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар роҳи эъмори давлати демокративу ҳуқуқбунёд, таҳкими давлатдории миллӣ, таъмини сулҳу ваҳдати комил, боло бурдани сатҳи некуаҳволии мардум, таъмини рушди устувори соҳаҳои ҳаёти иқтисодиву иҷтимоӣ, амалишавии ҳадафҳои стратегии кишвар, бунёди ҷомеаи адолатпарвар ва боло бурдани мақому манзалати Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ корҳои бузург амалӣ шуда истодаанд.

Бо самимитарин паёми шодбошӣ ва бо як ҷаҳон таманниёти нек устодону кормандон ва донишҷӯёни факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, инчунин мардуми қавииродаву хирадпешаи тоҷикро ба ҷашни пуршукӯҳи 27-умин солгарди қабули муқаддастарин ва арзишмандтарин ҳуҷҷати сиёсиву ҳуқуқии кишвар – Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар роҳи эъмори давлати демокративу ҳуқуқбунёд, таҳкими давлатдории миллӣ, ҳифзи манфиатҳои миллӣ, таъмини сулҳу субот, ваҳдати комил ва ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд саҳми беназир дорад, самимона шодбош мегӯям.

**Декани факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Раҳмон Дилшод Сафарбек**



**Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки мардуми шарифи мо ҳар сол санаи қабул гардидани ин санади муҳимми тақдирсозро бо ифтихору сарфарозӣ таҷлил менамоянд, аз ҷумлаи дастовардҳои бисёр арзишманди даврони соҳибистиқлолии мамлакат ба ҳисоб меравад.**

**Дар асоси Конститутсия таъмин намудани соҳибихтиёрӣ, истиқлолу озодӣ ва тамомияти арзии кишвар вазифаи асосии давлат буда, тағйирнопазир будани шакли идораи кишвар, моҳияти демократӣ, ҳуқуқбунёду дунявӣ ва иҷтимоии давлат ҳамчун меъёрҳои пойдору устувори он эътироф гардидаанд.**

**Конститутсияи даврони истиқлоли мо ҷавобгӯ ба талаботи замони нав ва ҷомеаи муосири кишвар буда, то имрӯз барои рушду тараққиёти давлатдории миллӣ, таҳкими пояҳои он ва зиндагии осудаву озоди мардуми тоҷик нақши калидӣ мебозад.**

**Зарур аст, ки тамоми шаҳрвандони кишвар ба Конститутсия ҳамчун бахтнома ва санади оливу мукаммали сиёсиву ҳуқуқӣ, иқтисодиву иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва ҳуҷҷати муайянкунандаи имрӯзу фардои давлат ва ҷомеа муносибат намоянд, моҳияти иҷтимоии онро амиқан дарк кунанд, ба он эҳтиром гузоранд ва ба хотири тараққиёту инкишофи давлату давлатдорӣ саъю талош намоянд.**

**Эмомалӣ РАҲМОН**

МИНБАРИ ҲУҚУҚШИНОС

**Муассис:**
Факултети ҳуқуқшиносии ДМТ
www.law.tnu.tj

**Сармуҳаррир:**
Эмомалӣ МИРАЛӢ
www.law.tnu.tj@gmail.com

**Муовини сармуҳаррир:**
Ҳамза БОБОХОНЗОДА
**Муҳаррир:**
**Некрӯз САФАРЗОДА**
**Тарроҳ:**
Акмал Шарипов

**ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:**
**Раҳмон Д.С.** доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, декани факултети ҳуқуқшиносӣ;
**Сафарзода Б.А.** профессори кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ;
**Маҳмудов И.Т.** мудири кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ;
**Абдуллоев П.С.** муовини декан оид ба илм ва робитаҳои байналмилалӣ;
**Сулаймонов Ф.С.** дотсенти кафедраи ҳуқуқи байналмилалӣ.

**ҲАЙАТИ МУШОВАРА:**
**Насриддинзода Э.С.** Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа, профессори кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ, узви вобастаи АМИ ҶТ;
**Ватанзода М.М.** Муовини аввали раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ.
**Имомзода М.С.** Вазири маориф ва илми ҶТ, академики АМИ ҶТ.
**Хушвахтзода Қ.Х.** доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, ректори ДМТ,
**Тоҳиров Ф.Т.** академики АМИ ҶТ
**Маҳмудзода М.А.** профессори кафедраи ҳуқуқи гражданӣ, академики АМИ ҶТ.
**Раҳимзода М.З.** профессори кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат, узви вобастаи АМИ ҶТ.

**ШАРТҲОИ ҚАБУЛИ МАВОД:**
Дастнавис қабул карда намешавад.
Мавод бояд бо ҳуруфи Times New Roman Tj 14 ҳуруфчинӣ шуда бошад.
Рӯзнома на ба ҳамаи андешаи муаллифон мувофиқ аст ва ақоиди мухталифро ба хотири риояи чандандешӣ ба табъ мерасонад.

Рӯзнома дар Вазорати фарҳанги ҶТ таҳти №0336/рз аз 18-уми марти соли 2016 ба қайд гирифта шудааст.
Нишонии идора: ш. Душанбе, Буни Ҳисорак, шаҳраки Донишҷӯён, факултети ҳуқуқшиносии ДМТ.
Телефон: (+992) 907-67-20-20
(+992) 939-25-98-28
Теъдод: 1000
Навбатдори шумора:
**Миралӣ Собир**

# РУШДИ ҚОНУНГУЗОРИИ СОҲИБКОРӢ

Санаи 7-уми октябри соли 2021 дар факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзӯи «Рушди қонунгузории Тоҷикистон оид ба самтҳои алоҳидаи соҳибкорӣ» бахшида ба 30-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 40 солагии таъсисёбии кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносӣ баргузор гардид.

Дар конференсияи мазкур профессорон, дотсентон ва муҳаққиқони факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқ, Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, Институти тадқиқотӣ илмии ДМТ, Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон (ш. Хуҷанд), Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав (ш. Бохтар), намояндагони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ташкилоти ҷамъиятии “Ассотсиатсияи Шӯрои рушди туризм” ширкат намуданд.





Дар ҷаласаи ифтитоҳӣ декани факултети ҳуқуқшиносии ДМТ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Раҳмон Дилшод Сафарбек, сардори раёсати илми ДМТ, номзади илмҳои филологӣ, дотсент Наботӣ Рустам, мудири кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Сангинов Дониёр Шомаҳмадович суханронӣ намуда, оид ба дастоварду пешрафти кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат ибрози андеша намуданд.

Дар анҷоми конфронс қатънома баҳри рушди қонунгузории Тоҷикистон оид ба самтҳои алоҳидаи соҳибкорӣ қабул гардид, ки аз ҷониби маърӯзачиёни конфронс баҳри бартараф намудани нуқсонҳои қонунгузорӣ ва такмили он пешниҳод шуда буд.

**Таҳияи**
**Миралӣ СОБИР**

# МУҚОВИМАТ БА САВДОИ ОДАМОН: МУШКИЛОТ ВА МУЛОҲИЗА

Санаи 29-уми октябри соли 2021 бо ташаббуси кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии ДМТ конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзӯи «Муқовимат ба савдои одамон: мушкилот ва мулоҳиза» баргузор гардид.

Дар кори он роҳбарияти донишгоҳ, устодону кормандони факултет, олимону донишмандони соҳа, кормандони сохторҳои қудратӣ, аспирантону унвонҷӯён, магистрҳо ва ҳамчунин намояндагони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар иштирок доштанд.

Зимни ифтитоҳи конфронси мазкур сараввал ректори ДМТ, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Хушвахтзода Қ.Х. баромад намуда, ҳозиринро ба ҷашни 30-солагии Истиқлоли давлатии ҶТ муборакбод намуда, оид ба кори конфронс ва мавзӯи матраҳшаванда чанде суханронӣ намуданд.



Баъдан бо сухани ифтитоҳӣ декани факултети ҳуқуқшиносӣ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Раҳмон Дилшод Сафарбек ба ҳозирин барои ташриф овардanaшон изҳори сипос намуда, ба муҳиммият ва аҳамияти мавзӯи ҳамоиши илмӣ ишора намуданд ва андешаҳои худро вобаста ба масъалаҳои мубрами баррасишаванда иброз доштанд.

Сипас, аз рӯи барнома маърӯзаҳо шунида шуданд. Маърӯзачиён зимни баромадҳои худ ба аҳамият, хусусият ва дигар масъалаҳои матраҳшаванда андешаронӣ намуда, ҳамчунин вобаста ба дурнамои он низ ибрози назар намуданд.

Дар фарҷоми ин ҳамоиши илмӣ аз ҷониби иштирокдорон як силсила хулоса, таклифу тавсияҳои судманди илмӣ вобаста ба масъалаҳои гуногуни баррасишаванда пешниҳод шуданд. Изҳори умед карда шуд, ки натиҷаҳои ин конфронси ҷумҳуриявӣ барои такмили низоми ҳуқуқии кишвар аз ҳар ҷиҳат муфид ва самарабахш хоҳад буд.

**Таҳияи**
**Эмомалӣ МИРАЛӢ**

# ШӮРОИ САРПАРАСТОН ФАЪОЛ АСТ!



Дар замони муосир яке аз соҳаҳои муҳимми таҳсилоти олии касбиро бахши тарбия ташкил мекунад. Аз ин рӯ, бо мақсади дуруст ба роҳ мондани раванди таълим ва тарбияи донишҷӯён дар ҳайати донишгоҳҳои кишвар сохторҳои гуногун таъсис дода мешавад, ки миёни онҳо Шӯрои сарпарастон мавқеи намоён дорад. Дар факултети ҳуқуқшиносии ДМТ Шӯрои мазкур фаъол буда, пайваста аз болои фаъолияти сарпарастони гурӯҳҳои академӣ назорат мебарад.

Шӯрои сарпарастони факултети ҳуқуқшиносии ДМТ тайи чанд сол аст, ки фаъолият мекунад. Дар соли хониши 2021-2022 ба ҳайати он 57 омӯзгор ҳамчун аъзо дохил мешаванд. Аъзои Шӯро асосан сарпарастии ин ё он гурӯҳҳои академиро ба ухда доранд. Бо мақсади ҷоннок намудани фаъолияти Шӯро тибқи дастури садорати факултет ҳар моҳ як маротиба ва дар ҳолатҳои зарурӣ ду маротиба ҷаласаҳои он гузаронида мешаванд. Аз ҷумла, таърихи 14-уми сентябри соли 2021 бо иштироки бевоситаи декани факултети ҳуқуқшиносӣ, профессор Раҳмон Дилшод Сафарбек ва аъзои Шӯро ҷаласаи Шӯрои сарпарастон баргузор гардид, ки дар он масъалаҳои марбут ба фаъолияти сарпарастони гурӯҳҳои академӣ мавриди баррасӣ қарор дода шуд. Таъкид гардид, ки сарпарастони гурӯҳҳои академӣ дар самти дуруст ба роҳ мондани таълиму тарбия дар ҳаёти факултет нақши калидиро иҷро менамоянд.

Новобаста аз оне ки Шӯрои сарпарастон ниҳоди ҷамъиятӣ ба ҳисоб меравад, аммо таҷриба нишон медиҳад, ки аз фаъолияти он сатҳу сифати тарбия боло рафта, дар маҷмӯъ ба раванди таълим низ таъсири мусбат мерасонад. Зеро сарпарастони гурӯҳҳои академӣ мувофиқи ҷадвали дарсӣ ва нақшаҳои корӣ ҳар ҳафта як маротиба оид ба мавзӯъҳои мубрами ҳаёти ҷомеа дарси тарбиявӣ мегузаранд. Хурсандиовар он аст, ки дарсҳои тарбиявӣ ҳатман дар журнали гурӯҳҳо қайд карда мешаванд, ки масъулияти сарпарастонро дучанд мегардонад.

Дар маҷмуъ фаъолияти Шӯрои сарпарастони факултети ҳуқуқшиносии ДМТ хуб буда, дар оянда он боз ҳам ҷоннок карда мешавад.

**Ҷомӣ ҒАНИЗОДА**
**раиси Шӯрои сарпарастони факултети ҳуқуқшиносӣ**

## ИФТИХОРМАНДӢ



Боиси ифтихору сарбаландист, ки давоми солҳои Истиқлоли давлатӣ Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба як маркази бонуфузи омодасозии кадрҳои лаёқатманд ва ҳайати роҳбарикунанда табдил ёфтааст. Дастпарварони ин боргоҳи муқаддас имрӯз дар вазифаҳои гуногуни давлатӣ кору фаъолият намуда, барои пешрафти соҳаҳои мухталифи ҳаёти давлативу ҷамъиятӣ хизмати содиқонаву софдилона намуда истодаанд.

Дар ҳамин асно, дар асоси Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон №АП-116 таърихи 2-юми ноябри соли 2021 мудири кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсия, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Сафарзода Анвар Ислом муовини сардори Раёсати маориф, фарҳанг ва иттилооти Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъйин гардид.

Аз ин рӯ, садорат, ҳайати устодону кормандон ва донишҷӯёни факултети ҳуқуқшиносӣ Сафарзода Анвар Исломро ба муносибати таъйин гардиданаш ба ин вазифаи пурмасъул самимона табрику шодбош намуда, ба эшон саломативу сарбаландӣ, пирӯзиву хушнудӣ ва фатҳи қуллаҳои баланди касбиро орзу менамоянд.

## ДОНИШҶӮЁНИ ФАКУЛТЕТ – ПАРЧАМБАРДОРОНИ МИЛЛАТ





Хурсандибахш аст, ки донишҷӯёни факултети ҳуқуқшиносӣ на танҳо дар риштаи илм, таълим ва тарбия намунаи ибрат мебошанд, балки дар бахши намудҳои гуногуни варзиш низ пайваста ғолибият ба даст меоранд. Далели ин гуфтаҳо ғолибияти донишҷӯёни факултет – Ҳусейнов Бахтиёр ва Мелибойзода Фирӯз дар мусобиқаҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ мебошад.

Ҳусейнов Бахтиёр дар ихтисоси фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ таҳсил намуда, донишҷӯи соли чорум мебошад. Номбурда таърихи 16-21-уми августи соли равон дар чемпионати Аврупо, ки дар Федератсияи Россия баргузор гардид, иштирок намуда, дар байни 15 давлати дунё ҷойи сеюмро соҳиб шуд. Ӯ ҳамчунин дар чандин мусобиқаҳои сатҳи байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ иштирок намуда, соҳиби зинаҳои ифтихорӣ гардида, дар зиёда аз 20 давлати дунё сафар намудааст.

Инчунин, Мелибойзода Фирӯз – донишҷӯи соли 3-юми факултети ҳуқуқшиносӣ таърихи 5-уми октябри соли равон дар мусобиқаи ҷудо барои дарёфти Ҷоми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вазни 66 кило иштирок намуда, сазовори ҷойи дуюм гардид.

Идораи рӯзномаи “Минбари ҳуқуқшинос” ва садорати факултет Ҳусейнов Б. ва Мелибойзода Ф.-ро бо ин дастовардашон табрик намуда, ба онҳо муваффақиятҳои беназирро ба нафъи пешрафти Ватани азизамон орзу менамоянд.




## АҲАМИЯТИ КОНСТИТУТСИЯ ДАР ТАШАККУЛИ ДАВЛАТИ МИЛЛӢ



Нимаи аввали рӯзи 2-юми ноябри соли 2021 бо ибтикори кафедраи ҳуқуқи конститутсионии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ дар мавзӯи “Аҳамияти Конститутсия дар ташаккули давлати Тоҷикистон” баргузор гардид. Дар кори он роҳбарияти донишгоҳ ва факултети ҳуқуқшиносӣ, устодону кормандони факултет, олимону донишмандони соҳа, аспирантону унвонҷӯён, магистрҳо ва намояндагони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар иштирок доштанд. Зимни ифтитоҳи ҳамоиши илмӣ декани факултети ҳуқуқшиносӣ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Раҳмон Д.С. ба муҳиммият ва аҳамияти мавзӯъҳои баррасишаванда ишора намуда, гузаронидани чунин ҳамоишҳои илмиро ба мақсад мувофиқ шумориданд ва барои баргузории чунин конфронси сатҳи ҷумҳуриявӣ, ки метавонад дар тақвияти донишҳои устодони ҷавон таъсиргузор бошад, изҳори сипос намуданд.

Сипас, аз рӯйи барнома маърӯзаҳои илмии иштирокчиён шунида шуданд. Маърӯзачиён зимни баромад аҳамият ва моҳияти масъалаҳои баррасишавандаро шарҳ дода, ҳамчунин мушкилот ва дурнамои онро низ пешбинӣ намуданд.

Дар фарҷоми конфронси мазкур аз ҷониби иштирокчиён як зумра хулоса ва таклифу тавсияҳои судманди илмӣ пешниҳод шуданд.

**Таҳияи**
**Азимҷон ҶУРАЕВ**

## ДИФОИ РИСОЛАИ ИЛМӢ



Факултети ҳуқуқшиносии ДМТ дар самти омода намудани мутахассисони соҳибтаҷриба ва соҳибунвон саҳми боризро дар муҳити илмии кишвар гузошта истодааст. Зеро, устодону муҳаққиқони ин даргоҳи илму маърифат пайваста дар ҷустуҷӯи навгониҳои илмӣ ва мушкилоти мавҷудаи ҳуқуқӣ буда, онҳоро аз дидгоҳи илми ҳуқуқшиносӣ баррасӣ менамоянд ва роҳи ҳалли мушкилоти ҷойдоштаро матраҳ менамоянд.

Таърихи 28-уми сентябри соли 2021 устоди кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносӣ Мансурӣ Шодмон Ҷамолиддинзода рисолаи номзадии худро дар мавзуи “Иҷрои ӯҳдадориҳои пулӣ” сарбаландона ҳимоя намуда, хазинаи илмии факултетро боз ҳам ғанӣ намуд.

Аз ин рӯ, садорати факултети ҳуқуқшиносӣ, устодону кормандон ва идораи рӯзномаи “Минбари ҳуқуқшинос” Мансурӣ Ш.Ҷ.-ро бо ин дастовардаш самимона табрик намуда, ба эшон камолоти муваффақона ва бурдбориҳои беназирро дар соҳаи илм таманно менамоянд.

## ҒОЛИБИЯТ МУБОРАК!



Аз 15 то 18-уми октябри соли равон дар шаҳри Кӯлоб мусобиқаи ҷумҳуриявӣ оид ба “Чавгонбозӣ” бахшида ба 30-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон миёни духтарон баргузор гардид.

Дар мусобиқаи мазкур дар баробари дигар дастаҳо, дастаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон низ иштирок намуд. Дастаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро, ки аз 8 нафар иборат буданд. Фараҳноз Азизова – донишҷӯи соли 4-уми ихтисоси ҳифзи ҳуқуқи моликияти зеҳнии факултети ҳуқуқшиносӣ роҳбарӣ намуд. Духтарони Донишгоҳ дар ин мусобиқа якдилона ва бо дарки баланди масъулият иштирок намуда, сазовори ҷойи 3-юм гардиданд.

Мақсад аз баргузор гардидани мусобиқаи мазкур ин пеш аз ҳама тарбия намудани ҷавонон дар руҳияи худшиносиву худогоҳӣ, ватандӯстӣ ва дарёфти ҷавононони ояндасоз буд.

Аз ин рӯ, садорати факултети ҳуқуқшиносӣ ва ҳайати устодону кормандони ин даргоҳ Фараҳноз Азизова ва дар симои ӯ кулли духтаронро бо ин дастовардашон табрику шодбош намуда, ба онҳо муваффақиятҳои нав ба навро орзу менамоянд.

# ИСТИҚЛОЛИЯТ – ЗАМИНАИ СИЁСӢ-ҲУҚУҚИИ ТАШАККУЛЁБИИ ДАВЛАТ



Шейхмуҳаммад КАМОЛОВ
муаллими калони
кафедраи ҳуқуқи конститутсионӣ

Вокеан, таърих гувоҳ аст, ки дар шинохт ва эътирофи ҳар як давлат, соҳибистиқлолии он омили асосӣ ва шатри аввалиндарача аст. Истиқлолият заминаи мустаҳками бунёд ва ташаккулёбиву инкишофи давлат мебошад. Истиқлолият бехтарин, волотарин ва гаронтарин арзишу дастовард барои ҳар як давлату миллат ба ҳисоб рафта, омили асосии рушду нумӯ ва заминасози зуҳур дар арсаи ҷаҳонӣ ҷиҳати инкишоф ва ҳифзи манфиатҳои миллию давлатӣ ба шумор меравад.

**Дар таърихи давлатдории муосири тоҷикон воқеаи аз ҳама муҳим ва фараҳбахш он буд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ибтидои солҳои 90-уми қарни ХХ Истиқлолияти комили давлатии худро ба даст овард. Ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ руйдоди хеле муҳимми сиёсӣ буд, ки ба ҷаҳониён миллат ва давлати тоҷиконро муаррифӣ сохт.**

Истиқлолияти давлатӣ ҳамчун дастоварди бузург ва вокеаи нодиру фараҳбахши таърихӣ барои пешрафти тамоми соҳаҳои ҳаёти кишвар дар роҳи давлатсозиву давлатдории навин фазои мусоид фароҳам овард.

Бо баробари касб намудани истиқлолияти давлатӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон барои бунёд ва ташаккули давлати мардумсолорӣ, ки ҳадафи онро ҳифзи манфиати ҳамаи қишрҳои ҷомеа дар бар мегирад, азм намуд. Ин боис гардид, ки дар кадами аввал Қонуни асосии кишвар, яъне Конститутсияи он ба тарики раъйпурсии умумихалқӣ кабул карда шавад. Дар таърихи давлатдории муосири тоҷикон ин аввалин Конститутсия мебошад, ки дар қабули он бевосита шаҳрвандон иштирок намудаанд. Бо ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ зарурати тағйир додани низоми сиёсии давлат ва ҷомеа ба вуҷуд омад. Зеро низоми сиёсии қаблӣ ба ҳадафу мақсадҳои тасмимгирифта мувофиқат намекард. Ин боис гардид, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон як ҷомеаи шаҳрвандӣ ва як давлате бо ормонҳои миллӣ таъсис ёбад.

Бояд тазаккур дод, ки даврони Истиқлолият барои мо имкони воқеӣ фароҳам овард то роҳи имрӯзу ояндаи миллат ва пешрафти минбаъдаи кишвари азизамонро ба самти ҷомеаи демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ интихоб намоем.

Дарвокеъ, Истиқлолият барои мо рамзи олии Меҳану меҳандорӣ, олитарин неъмати давлатсозию давлатдории мустақил, кору пайкори пайгиронаи созандагӣ, азму талошҳои фидокоронаи расидан ба истиқлолияти сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии омӯзонда, меъёрҳои ҷомеаи шаҳрвандиро таҳким бахшида, дар як вақт ҳаёти озодонаи ҳар фард ва олитарин дараҷаи бахту саодати воқеии миллатро таъмин намуд.

**Таҳкими пояҳои Истиқлолияти давлатӣ имкон дод, ки бо дарназардошти дастовардҳои ин даврон эътибору мақоми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ бамаротиб боло рафта, рушди мӯътадили низоми иқтисодии миллӣ таъмин карда шуда, дар заминаи арзишҳои волои Конститутсия барои бунёди давлати демокративу ҳуқуқбунёд, ки дар он эҳтирому риоя ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон дар мадди аввал мебошанд, заминаи воқеӣ гузошта шавад.**

Маҳз Истиқлолияти давлатӣ боис гардид, ки Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар арсаи байналмилалӣ ҳамчун давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёд бишносанд.

**Ба туфайли Истиқлолияти давлатӣ ва соҳибихтиёрӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон ба зиёда аз 130 давлати дунё робитаҳои дипломатиро ба роҳ мондааст. Узви комилҳуқуқи созмонҳо ва ташкилотҳои бонуфуз мебошад.**

Ташаббусҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ ҳамчун давлати соҳибистиқлол борҳо мавриди дасгирӣ қарор гирифтааст.

Аз замони истиқлолиятро ба даст овардан Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дастовардҳои бузурги иқтисодӣ комёб гардид. Ин раванд бо низоми пешрафти иқтисодиёт ва инкишофи ҳамаи соҳаҳои хоҷагии халқ дар шароити имрӯза, асосан аз истиқлолияти энергетикиву комуникатсионӣ ва вусъат пайдо кардани роҳсозӣ вобастагии амиқ дорад.

Ин буд, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои оғоз бахшидани корҳои сохтмонӣ дар нақби Анзоб иқдом намуд.

Дар роҳи таъмини истиқлолияти энергетикӣ ва раҳоӣ ёфтан аз бунбасти камуникатсионӣ бошад, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба бунёд намудани неругоҳҳои хурду бузурги барқӣ, ки минбаъд яке аз воситаҳои даромаднок дар буҷаи давлат мегарданд, оғоз кард.

**Азму талошҳои шабонарӯзии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо сарварии Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон буд, ки ин азму талошҳо амалӣ гардиданд.**

Дар шароити феълӣ, ки ҷаҳони муосир дорад, таҳкими Истиқлолият, устувор гардонидани пояҳои давлат ва баланд бардоштани сатҳ ва сифати зиндагии инсон барои натанҳо мардуми мо, балки тамоми инсоният мазмуни ҳаётан муҳим пайдо мекунад. Аз ин лиҳоз, ҳодисаву воқеаҳое, ки дар ҳамсоякишвари мо Ҷумҳурии исломии Афғонистон мегузарад моро водор месозад, ки оид ба масъалаи таъмини истиқлолияти давлатӣ, амният, нигоҳдоштани оромии фазои ҷомеа, пойдории сулҳу субот ва ободу мунаввар гардонидани ватани азизамон, инчунин рӯ ба тараққӣ додани иқтисодиёти он биандешем.

Самараи неки Истиқлол аст, ки имрӯз Тоҷикистон дар дунё чун давлати сулҳхоҳу сулҳпарвар шинохта шудааст. Таҷрибаи сулҳи тоҷикон манбаи омӯзиши сулҳхоҳони ҷаҳон гашт, ки боиси ифтихор мебошад.

Аз ин лиҳоз, бо чунин таманниёт гуфтанием: Бигзор Истиқлолияти миллӣ чун кӯҳҳои сарбафалаккашидаи Тоҷикистони азиз устувору пояндаву ҷовидон бошад!




# НАЗОРАТИ КОНСТИТУТСИОНӢ – КАФИЛИ МАНФИАТҲОИ МИЛЛӢ



Далер РАҲМОН
судяи суди ноҳияи Синои ш.Душанбе, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент

Яке аз падидаҳои муҳим дар илми ҳуқуқи конститутсионӣ назорати конститутсионӣ ба ҳисоб меравад. Дар асоси моддаи 1 Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи суди конститутсионии ҶТ» аз 26 июли соли 2014 Суди конститутсионии ҶТ мақоми мустақили ҳокимияти судӣ оид ба назорати конститутсионӣ буда, бо мақсади таъмини волоият ва амали бевоситаи меъёрҳои Конститутсияи ҶТ таъсис дода шудааст.

Амалияи фаъолияти пурсамари мақомоти назорати конститутсионӣ аз баланд гардидани нақш ва таъсири суди конститутсионӣ, ки аз демократикунонии минбаъдаи ҳаёти иҷтимоӣ ва сиёсии ҷомеа вобастагӣ дорад, шаҳодат медиҳад. Қарорҳои суди конститутсионӣ самтҳои рушди конститутсионӣ-ҳуқуқиро муайян намуда, дар ташкили принсипҳои давлати ҳуқуқбунёд нақши махсусан муҳимро иҷро менамоянд. Онҳо ба рушди низоми ҳуқуқии кишвар, бартараф намудани камбудиҳо ва ихтилофи қонунгузорӣ, ташаккули устувори қонунгузории миллӣ ва тартиботи конститутсионӣ таъсир мерасонанд.

Хусусияти мунтазами назорати конститутсионӣ, алоқамандии он бо дигар падидаҳои конститутсионӣ ҷиҳати таъмини волоияти Конститутсия, иҷрои қарорҳои суди конститутсионӣ, инчунин таъмин намудани самаранокии фаъолияти он ба тақвият, ки бе он таъмини ягонагӣ ва самаранокии назорати конститутсионӣ ғайриимкон аст, ниёз дорад. Дар ин раванд, ҷойи махсусро фарҳанги конститутсионӣ, сатҳи шуури ҳуқуқӣ ва паст кардани зуҳуроти нигилизми ҳуқуқӣ ишғол менамояд.

Факти ҳуқуқӣ ва воқеияти ҷамъиятӣ гаштани адолати судии конститутсионӣ, идомаи раванди таҳкими функсионалӣ ва институтсионалии механизмҳои назорати конститутсионии судӣ, инчунин мустаҳкам намудани тавозуни байни вазифаҳои конститутсионӣ ва ваколатҳои мушаххаси ин суд аз дарк кардани нақш, функсия ва вазифаҳои мақомоти назорати конститутсионӣ дар рушди демократия, давлати ҳуқуқбунёд ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дар ҷомеа шаҳодат медиҳад. Ин равандҳо бояд тасдиқи худро дар конститутсияҳои мамлакатҳо ва қонунгузории миллӣ оид ба суди конститутсионӣ дарёбанд.

Ваколатҳои суди конститутсионӣ дар маҷмӯъ ба таъмини волоият ва амали мустақими Конститутсия дар тамоми қаламрави мамлакат, ҳифзи асосҳои сохтори конститутсионӣ, ҳуқуқу озодиҳои асосии инсон ва шаҳрванд равона гардидаанд. Сарфи назар аз боло рафтани нақши мақомоти назорати конститутсионӣ дар давлати ҳуқуқбунёд, инчунин дар таъмини қонунияти конститутсионӣ дар кишвар ҳанӯз ҳам масъалаҳои вобаста ба таъмини пурраи мустақилияти мақомоти назорати конститутсионӣ вуҷуд доранд. Мустақилияти мақомоти назорати конститутсионӣ ба таҳкими доимӣ ва кафолатҳои устувор ниёз дорад.

Назорати қатъӣ ва мустақили конститутсионӣ гарави риояи меъёрҳои конститутсионӣ ва таҳкими боварии мардум ба давлат, кафили сулҳу ризоияти шаҳрвандӣ, пайдоиш ва ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ, таъмини волоияти қонун ва волоияти ҳуқуқ, тантанаи адолат ва рушди давлат арзёбӣ мегардад.

Падидаи мазкур яке аз кафолатҳои дуруст татбиқ гардидани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мебошад. Муҳим будани ин падида аз он шаҳодат медиҳад, ки ин фаъолият аз ҷониби мақомоти махсусгардонидашуда, Суди конститутсионӣ амалӣ карда мешавад. Дар равиши ин гуфтаҳо зикр кардан ба маврид аст, ки падидаи назорати конститутсионӣ дорои аҳмияти ҳам ҳуқуқӣ ва ҳам ҷамъиятӣ мебошад.

# ИСТИҚЛОЛ ВА ДАСТОВАРДҲОИ СОҲАИ ҲУҚУҚ



Умед МУРОДЗОДА
ассистенти кафедраи ҳуқуқи конститутсионӣ

## ИСТИҚЛОЛИЯТИ СИЁСӢ ВА РУШДИ СОЗАНДАГӢ

Бунёди давлати соҳибистиқлол барои халқи бузурги тоҷик аз ҷумлаи дастовардҳои беназир дар тӯли таърих мебошад, ки натиҷаи талош, ҷоннисориҳо, иттиҳод ва фидокориҳои ин халқ аст. Расидан ба истиқлолияти комили сиёсӣ, имкониятҳои зиёдро барои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти бунёдкориҳо, рушд ва созандагӣ ба миён овард. Гуфтан мумкин аст, ки баъди ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ, марҳилаи сифатан нави рушди ҷамъият ва давлат шурӯъ гардид, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин раванд, роҳи нави тараққиётро интихоб намуд. Фазои ҷамъиятӣ дар ин айём комилан тағйир ёфта, муносибатҳои нав ба нав зуҳур гардиданд, ки аксарияти онҳо барои ҷомеаи Тоҷикистон ҷадид буданд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар замони соҳибистиқлолии хеш ба дастовардҳои хеле бузург мушарраф гардидааст, ки ба манфиати давлату ҷомеа ва халқи Тоҷикистон равона мегарданд.

## РУШДИ ИЛМҲОИ ҲУҚУҚШИНОСӢ

Яке аз дастовардҳои муҳимми ин замон, ин бунёди низоми ҳуқуқии миллӣ ва дар ин замина, рушди илмҳои ҳуқуқшиносӣ мебошад. Воқеан, илми ҳуқуқшиносӣ дар давраи соҳибистиқлолии ҶТ дар шакл ва фаҳмиши нав бунёд гардида, давра ба давра такмилу рушд кардааст.

Маҳз бо шарофати Истиқлолияти давлатӣ илми ҳуқуқ марҳилаи сифатан нави инкишофро тай намуда, тамоми соҳаҳои қонунгузорӣ дигаргуниҳои бузургеро пушти сар намуданд.

## КОНСТИТУТСИЯ – САРЧАШМАИ НИЗОМИ ҲУҚУҚӢ

Қабули Конститутсияи ҶТ ва таъмини ваҳдати миллиро метавон арзишмандтарин дастовардҳои даврони соҳибихтиёрии давлатӣ унвон кард. Дар ин замина дар тамоми соҳаҳои ҳаёти давлативу ҷамъиятӣ тағйироти куллӣ ба вуҷуд омаданд. Маҳз Конститутсияи ҶТ заминаҳои устувори бунёди давлатдории миллӣ ва унсурҳои ҳаёти ҳуқуқии ҷомеаро асос гузошт.

Ба ҳамагон маълум аст, ки баробарии мавқеияти тамоми шохаҳои ҳокимият кафили устувории давлат ба шумор меравад. Бояд гуфт, ки таъмини волоияти Конститутсия ва қонун, тақсим кардани ҳокимияти давлатӣ ба шохаҳои қонунгузор, иҷроия ва судӣ, фаъолияти муваффақона, ҳамкории мақомоти мазкур, эълом доштани бисёрандешии сиёсӣ ва кафолати ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар ҶТ дар солҳои соҳибистиқлолии кишвар хеле мустаҳкам гардид.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шумори бузургтарин дастовардҳои Истиқлолияти давлатии кишвар қарор дорад, ки халқи моро ба сӯи бунёди ҷомеаи навин ҳидоят менамояд.

Мардуми сарбаланду тамаддунофар ва фарҳангсолору бунёдкори тоҷик дар заминаи татбиқи сиёсати хирадмандона, бобарор ва ҳадафмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар тамоми соҳаҳои ҳоҷагии халқи мамлакат ба дастовардҳои беназир комёб шудаанд. Барору муваффақиятҳои ҳаёти ҳуқуқии ҷомеа низ дар ин ҷода мавриди зикри хос мебошад.

## КОНСТИТУТСИЯ – НАХУСТУНСУРИ ҲАМА ГУНА ДАВЛАТ

Ҳанӯз дар ибтидои эҳёи давлатдории миллӣ Пешвои миллат, ки он замон раёсати Шӯрои Олии мамлакатро бар уҳда доштанд, моҳияти давлати нави тоҷиконро чунин тавсиф карда буданд: "Давлате, ки мо эҷод кардаем ва минбаъд пояҳои онро мустаҳкам ва босубот месозем, манфиати инсонро дар маркази тамоми фаъолияти хеш гузошта, онро ҳифз менамояд". Ҳамин тавр, ҳуқуқ нахустунсури ҳама гуна давлат аст, ки бидуни он наметавон роҳи ҳамвори тараққиёти ҷомеаҳоро тасаввур кард.

Дар замони соҳибистиқлолии Тоҷикистон, махсусан баъди қабул гардидани Конститутсияи ҶТ дар соли 1994 заминаи мусоид бахри рушди илмҳои ҳуқуқшиносӣ фароҳам омад. Дар ин росто, илми ҳуқуқи конститутсионӣ мавқеи марказиро дар низоми илмҳои ҳуқуқшиносӣ ишғол менамояд. Соҳаи мазкур ба Қонуни асосии мамлакат асос ёфта, сарчашмаи асосии омӯзиши илмҳои дигар ба ҳисоб меравад.

Боиси сарфарозист, ки аз баракати Истиқлолияти давлатӣ ва шарофати қабули Конститутсияи ҶТ дар заминаи ташаббусҳои созандаву бунёдкоронаи Пешвои муаззами миллат дар ҳаёти иқтисодиву иҷтимоии сокинони Ватани маҳбубамон рӯйдодҳои муҳимму фараҳбахш ба вуқӯъ пайваста, Тоҷикистон бомаром пеш меравад.

# САҲМИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР РУШДИ ЗАБОНИ ДАВЛАТӢ

**Дар даврони Истиқлолияти давлатии ҶТ пажӯҳишҳо дар бораи ҷанбаҳои гуногуни забони тоҷикӣ хусусияти бунёдӣ пайдо кардааст, ки сабаби асосии аз як тараф мақоми давлатӣ гирифтани забони тоҷикӣ буда, аз тарафи дигар сиёсати Ҳукумати ҶТ нисбат ба забони давлатӣ ва аз ҳама муҳим, таваҷҷуҳи доимии Пешвои миллат ба масъалаи рушди забони модарӣ мебошад.**

Дар мулоқоти Пешвои миллат бо зиёиён, олимон ва муҳаққиқон, ки 18 марти соли 2020 баргузор гардид, Сарвари давлат оид ба масъалаҳои гуногуни рушди илми тоҷик таваҷҷуҳ намуда, ба масъалаҳои таҳқиқи забони тоҷикӣ ва махсусан, ба мақоми илмӣ баровардани рушди забони тоҷикӣ ишора карда, боз як бори дигар бо пешниҳодҳои худ оид ба рушди забони тоҷикӣ дар суханронии хеш дар ҷашни даҳсолагии қабули Қонуни ҶТ «Дар бораи забони давлатии ҶТ» (моҳи октябри соли 2019) таъкид доштанд. Дар ин суханронӣ Пешвои миллат оид ба ҷанбаҳои асосии рушди забони давлатӣ дар замони истиқлол пешниҳодҳои судманде иброз доштанд, ки аз густариши забони меъёр, ҳамгунсозии истилоҳоти забони тоҷикӣ, таҳияи дастури илмии забони тоҷикӣ, таҳияи пайкараи забони тоҷикӣ дар асоси дастовардҳои навини забоншиносии компютерӣ ва дигар масъалаҳои муҳими рушди забони давлатӣ иборат буданд.

## ЗАБОНИ МИЛЛАТ – ҲАСТИИ МИЛЛАТ

Ҳамчунин, боиси қайд аст, ки барои густариши забони тоҷикӣ дар оянդаи кишвар асару бузурги Пешвои миллат аҳамияти махсус доранд. Роҳҳои асосии густариши забони тоҷикӣ дар асарҳои ӯ, ба монанди «Тоҷикон дар оинаи таърих», «Аз Ориён то Сомониён» (1999, 2002, 2006, 2009), «Нигоҳе ба таърих ва тамаддуни орийӣ», «Ориёиҳо ва шинохти тамаддуни орийӣ» инъикоси худро ёфтаанд. Асари дигари арзишманди Пешвои миллат, ки бевосита ба масъалаи забони давлатӣ тааллуқ дорад, ин китоби «Забони миллат – ҳастии миллат» (ҷилди 1, чопи аввал 2016, чопи дуюм 2018, ҷилди дуюм 2020) маҳсуб мешавад. Ин китоб дастовардҳои охири забоншиносии тоҷикро дар бобати таърихи густариши забони тоҷикӣ дар худ таҷассум кардааст.

Сахми дигари Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар рушди қонунгузории забони давлатӣ ба назар мерасад. Бори аввал дар сатҳи қонунгузорӣ 22 июли соли 1989 дар Иҷлосияи даҳуми Шӯрои Олии Тоҷикистон қонуни забон қабул гардида буд. Вале қисме аз муқаррарот ва меъёрҳои қонуни забоне, ки дар замони сохти гузашта расмият ёфта буд, бо гузашти замон, яъне баъди бист соли амали он наметавонистанд талаботу ниёзҳои рӯзафзуни ҷомеаи кишварро дар даврони соҳибихтиёрӣ ва соҳибистиқлолӣ пурра қонеъ гардонанд. Аз ин лиҳоз, зарурат пеш омад, ки барои ҳифз ва рушди забони модарӣ қонуни нав таҳия ва қабул карда шавад.



Маҳмароиб ТОҶИДИНОВ
корманди ММҚ-и назди ПҶТ

## 5 ОКТЯБР – РӮЗИ ЗАБОНИ ДАВЛАТӢ

Ҳамин тавр, Қонуни ҶТ «Дар бораи забони давлатии ҶТ» 5 октябри соли 2009, тахти №553 ба тасвиб расид ва ин сана расман Рӯзи забони давлатӣ эълон гардида, ба фехристи ҷашнҳои давлатӣ ва миллӣ ворид карда шуд. Тавассути ин қонун забони тоҷикӣ ҳамчун забони сиёсату қонунгузорӣ ва коргузориву муошират эътироф гардид.

## БАРНОМАИ РУШДИ ЗАБОНИ ДАВЛАТӢ БАРОИ СОЛҲОИ 2020-2030

Дигар иқдомоти наҷиби Ҳукумати мамлакат вобаста ба забон қабули барномаҳои давлатӣ ба шумор меравад. Қаблан ҳам дар ин хусус «Барномаи рушди забони давлатӣ барои солҳои 2012-2016» аз 30 июни соли 2012, тахти №335 қабул гардида буд, ки дар худ шаш самти афзалиятноки пешбурди забони давлатиро фаро мегирифт. Бо мақсади такмил додани он бо Қарори Ҳукумати ҶТ «Барномаи рушди забони давлатӣ барои солҳои 2020-2030» аз 28 ноябри соли 2020, тахти №647 қабул гардид, ки аз 8 боб ва 24 қисм иборат мебошад.

Барномаи рушди забони давлатӣ барои солҳои 2020-2030 ҳадаф, вазифа, самтҳои асосӣ, усулҳои татбиқ ва натиҷаҳои ниҳоии амалисозии сиёсати давлатиро оид ба забон муайян менамояд. Барномаи мазкур ҷиҳати татбиқи ҳадафҳои сиёсати давлатӣ оид ба забон равона шуда, барои рушду густариш ва баланд бардоштани мақоми забони давлатӣ нақши муҳим дошта, бобати инкишофи муносибатҳои ҳуқуқӣ, фарҳангӣ, сиёсиву иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон шароит фароҳам меорад.

**Фароҳам овардани чунин заминаи ҳуқуқӣ барои рушди забони илм ва истифодаи истилоҳоти илмӣ бо забони давлатӣ мусоидат мекунад. Дар робита ба ин низ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти рушди забони тоҷикӣ як силсила санадҳои меъёрии ҳуқуқиро қабул намуд, ки дар кишвар барои ҳифзи забони давлатӣ ва забонҳои дигар фазои мусоид ба вуҷуд меоранд. Тадбирҳои мазкур дар роҳи гиромидошту арҷгузорӣ ва эҳтиром ба забони давлатӣ нақши муҳим мебозанд.**

**Аз ин рӯ, мо бояд барои устувор гардонидани забони давлатиамон мунтазам саъю талош намоем, ҷиҳати ғаниву рангоранг сохтани фонди луғавии он кӯшиш кунем, мақоми забони давлатиро дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа ва давлат баланд бардорем.**



# ҶАВОНОН ВА ИСТИҚЛОЛИЯТ

Истиқлолият волотарин ва пурарзиштарин дастоварди давлату миллати тоҷик аст. Истиқлолият барои мо имкони воқеӣ фароҳам овард, ки роҳи имрӯзуояндаи миллат ва пешрафти минбаъдаи кишвари азизамонро ба сӯи ҷомеаи демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ интихоб намоем. Истиқлолият барои мо рамзи олии Ватану ватандорӣ, бузургтарин неъмати давлатсозию давлатдории мустақил ва кору пайкорҳои пайгиронаи созандагиро барои мо муайян намуд.

Ҷавонон ва Истиқлол ду мафҳуми ба ҳам дар робита мебошанд. Зеро, Тоҷикистони азизи мо кишвари ҷавон буда, дар худ аксарияти ҷавононро муттаҳид намудааст. Мо ҷавонон зери осмони сулху субот ва оромӣ зиндагӣ мекунем, месазад бо тамоми неру ва тавоноии худ аз истиқлолият, ваҳдати миллӣ, сарзамини аҷдодӣ ва хувияти миллии худ ҳифз намоем. Мо ҷавононро зарур аст бо иродаи қавию ташаббускорона барои пешрафти Ватани азизамон – Тоҷикистон саҳмгузор бошем.

Ҳукумати Тоҷикистон аз оғози соҳибистиқлолӣ ба ҷавонон ҳамчун такягоҳи боэътимод бовар намуда, дар ҳама масъалаҳо бо ин қишри ҷомеа, ки ояндаи минбаъдаи Тоҷикистон дар дасти онхост такя менамояд. Ҳамчунин, тайи 30-соли соҳибистиқлолӣ дар кишвари мо заминаҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва ташкиливу инфрасохтори сиёсати давлатии ҷавонон ташаккул ёфта, даҳҳо санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул гардида, маҷмӯи масъалаҳои сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангӣ, ки бевосита ба масъалаи ҷавонон дахл доранд, ҳаллу фасл карда шуданд. Гузашта аз ин, ҷиҳати таъмини шароити арзандаи зиндагӣ ва таҳсилу фаъолияти намояндагони насли ҷавон пайваста тадбирҳои амалӣ андешида мешаванд ва ташаббусу пешниҳодҳои мо ҷавононро ҳамеша дастгирӣ намуда, барои амалӣ гаштани онҳо имконият фароҳам меоранд.

Аз ин сабаб фаромӯш набояд кард, ки танҳо ҷавонони воқеан ватандӯст метавонанд дилсӯзона, бо тамоми ҳастӣ амнияти Ватани худро ҳифз намуда, ояндаи ободи онро таъмин намоянд. Мо – ҷавонон муҳофизони боэътимоди Ватан, амнияти давлату миллат, сарчашмаи ташаббусҳо ва манбаи асосии кадрҳои минбаъда ҳастем. Мо насле ҳастем, ки дар дигаргунсозиҳои демокративу иқтисодии Тоҷикистон саҳмгузор буда, такягоҳи боэътимод ва ҷузъи ҷудонопазири муносибатҳои байни ҷомеаи шаҳрвандӣ ва давлат мебошем.

– Бигузор мо ҷавонон ҳамчун нерӯи пешбаранда илҳомбахши кору пайкор, ворисони арзандаи миллату давлат ва тақдирсози роҳи имрӯзу ояндаи Тоҷикистон бошем.

– Бигузор мо ҷавонон парчами ваҳдати миллӣ, сулху амнияти пойдор ва азму иродаи созандагию бунёдкориҳоро баланд афрохта, дар сафи пеши созандагони тақдири Ватан қадам гузорем.

– Бигузор мо ҷавонон бо Ватан, миллат, забон ва ниёгони сарбаланди хеш ифтихор намоем.

– Бигузор ҳифзи дастовардҳои 30-соли истиқлолият, тамомияти арзӣ ва амнияти осудаги Тоҷикистони азизу ягона мақсаду мароми зиндагии ҳар яки мо насли ояндасоз бошад.

Ҷашни муқаддаси 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон муборак бошад. Зинда бод, ҷавонони ҷонфидои Ватан.

**Оиша САИДЗОДА**
**донишҷӯи соли 4**

# ЗАБОН РУКНУ БАҚОИ МИЛЛАТ



**Сайвалӣ БОБОХОНОВ**
**донишҷӯи соли 2**

Забон дар паноҳи давлат аст. Ин нуктаи муҳим моро водор месозад, ки ба поку беолоиш нигоҳ доштани забони модарӣ талош варзем. Забон ҳастии халқу миллатро бозгӯӣ менамояд. Дар ҳар давру замон мардумони соҳибхирад пайи ҳифзи асолати миллӣ, фарҳанг ва таърихи забони халқи хеш ҷонфидоиҳо кардаанд.

Дар ин мавриди гуфтаи шоир раҳнамои мост:

**Забони модариро пос доред,**
**Ки аз модар варо мерос доред.**

Дар ҷаҳони муосир тавачҷуҳ ба омӯхтани илмҳо бештар гардида, забондонӣ дар ин ҷода мавқеи аввалиндараҷаро касб менамояд. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷавононро ояндаи миллат гуфтаанд. Дар ин гуфтаи сарвари давлат ҳикмати бузурге нуҳуфтааст, ки моро ба худшиносиву ватандӯстӣ даъват менамояд. Худшиносии мо аз донистани забон сарчашма мегирад. Таҳсил дар бахшҳои гуногуни илмӣ фарогирии меъёрҳои коргузорӣ ва донистани услубҳои забонро тақозо менамояд. Аз ин рӯ, мо бояд аз ҳар як тағйироте, ки дар низоми забонӣ ба амал меояд, огоҳ бошем, қоидаҳои имлои навро риоя намоем, барои якпорчагии Тоҷикистони азиз бо забон муттаҳид шавем.




Баъди барҳам хӯрдани сулолаи Сомониён ба сари халқи тоҷик мусибату бадбахтиҳои зиёде омада, хавфи аз байн рафтани забони қудратманди тоҷикӣ мавҷуд буд. Инак, баъди ҳазор соли нокомиҳо халқи шарафманди тоҷик аз нав асолати таърихии худро эҳё намуда, бахри рушди забони модарӣ тамоми шароитҳо муҳайё гардидааст. Дар ин шароити мусоид моро месазад, ки бахри пойдории забону фарҳанги миллати хеш камари ҳиммат бубандем, то ояндагон аз корнамоии фарзандони барӯманди ин диёри таърихӣ бо ифтихор сухан кунанд.

Лоиқи бузургвор хуб фармуда:
**Заҳр бодо шири модар бар касе,**
**К-ӯ забони модарӣ гум кардааст.**

# ОЁ ҶИНОЯТ АЗ БАЙН МЕРАВАД?



**Амирҷон ИНОМОВ**
**донишҷӯи соли 2**

Ба мушоҳида мерасад, ки дар солҳои охир шумораи ҷиноят ва ҷинояткорон назар ба солҳои қабл даҳҳо маротиба зиёд шуда, сафи ҷинояткорон рӯ ба афзоиш дорад. Сабаби зиёд шудани ҷиноят дар чӣ нуҳуфта аст? Ба андешаи мо сабаби асосӣ пеш аз ҳама ин гумроҳии худи шахс, бесаводӣ, пурра дарк накардани амали анҷомдодааш мебошад. Масалан, зумрае аз ҷинояткорон, ки даст ба дуздӣ мезананд онро бо роҳбарии касе ё бо маслиҳати шахси дигар гумроҳ шуда, кӯркӯрона содир мекунанд. Мавзӯи аслӣ дар он аст, ки бо мустаҳкам кардани мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва мустаҳкамтар намудани кодекси ҷиноятӣ, хубтар ва нағзтар фаъолият намудани кормандони оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, оё ҷиноят аз байн меравад ё не?

Аз нуқтаи назари илми фалсафа мубориза бурдани мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва кормандони оперативӣ-ҷустуҷӯӣ бар зидди ҷиноят ва ҷинояткорӣ сафи ҷиноят ва ҷинояткоронро коҳиш дода, аммо аз байн намебарад. Файласуфон ба чунин ақидаанд, ки агар дар рӯи замин ду нафар шахс боқӣ монад боз ҳам ҷиноят хоҳад шуд. Инсоният дар рӯи замин чунин махлукест, ки ҳар соат ва ҳар лаҳзаи ӯ бо ҳавас, бо танаффур ва бахили мегузарад. Аз ин рӯ, то он даме, ки дар рӯи замин инсоният арзи ҳастӣ дорад, ҷиноят боқӣ хоҳад монд.

Дар марҳилаи кунунӣ ҷиноятҳои кибернетикӣ афзуда истодаанд. Ҳар қадаре, ки техника ва технология пешрафт кунад, ҳамон қадар ҷиноятҳои кибернетикӣ зиёдтар мешавад. Дар таърихи инсоният ҳодисаҳои зиёде мавҷуданд, ки ба ҷиноятҳои кибернетикӣ вобастагӣ доранд. Масалан, соли 1998 дар яке аз беморхонаҳои ИМА як бемор зери химояи ФБР дар ҳолати бемории вазнин қарор дошта, хакерон тавассути интернет ба шабакаҳои локалии клиник ворид гардида, тамоми монеаҳоро нест намуда, дастгоҳои кардиологиро, яъне кардиостимулятор, ки барои танзими тапиши қалби бемор гузошта шуда буд, тағйир доданд ва дар натиҷа бемор ба ҳалокат расид.

Дар кишвари мо солҳои охир истифодаи нодурусти шабакаҳои иҷтимоӣ ва телефонҳои мобилӣ бисёр ҳам ташвишовар гардида истодааст. Аксари истифодабарандагони шабакаҳои интернетӣ ҷавонони аз синни 14 то 35-соларо ташкил медиҳанд ва онҳо маърифати истифодабарии шабакаҳои интернетиро надоранд. Бояд ҳаминро қайд намуд, ки ҷавонони мо бештари вақти қимати хешро ба истифодаи шабакаҳои иҷтимоӣ, ба монанди Viber, Imo, Odnoklasnik, Facebook, Instagram ва дигар шабакаҳо сарф менамоянд, ки худ намедонанд, дар паси ин шабакаҳо чӣ истодааст. Гурӯҳҳои террористию ифротӣ бошад, аз ин амали ношоистаи онҳо сӯистифода намуда, ҷавонони гумроҳро ба ҳар роҳу восита ба доми хеш мекашанд.

Интернет ба яке аз самтҳои муҳими гузаронидани ташвиқоту тарғибот дар байни гурӯҳҳои террористӣ ба шумор меравад. Одатан ба сифати таҷҳизоти тарғиботиву ташвиқотӣ метавон алоқаҳои мултимедӣ, дастурҳои идеологияю амалӣ, эзоҳдиҳӣ ё таблиғи фаъолияти террористӣ ва ғайра дохил мешавад. Инчунин, гурӯҳҳои террористӣ ба ин амал метавонанд, ки хабарҳои маҷозӣ, пешниҳодот, маҷаллаҳо, корҳои назариявӣ, аудио, файлҳои видеоӣ, бозиҳои компютерӣ ва дигар воситаҳоро низ васеъ истифода баранд. Мубориза бурдан бар зидди ҷиноят ва ҷинояткорон танҳо вазифаи ҷонии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва кормандони оперативӣ-ҷустуҷӯӣ нест, ҳар як шаҳрванди бо нангу ба номус бояд кӯшиш ба харҷ диҳад то дар ҷомеа фазои оромию сулху субот ҳукмфармой намояд.

# ДАСТОВАРДҲОИ СИЁСАТИ ХОРИҶӢ ДАР 30 СОЛИ ИСТИҚЛОЛИЯТ



Раҷабов ИСМАТУЛЛО
ассистенти кафедраи ҳуқуқи байналмилалӣ

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун субъекти мустақили ҳуқуқи байналмилалӣ дар замоне соҳиби истиқлолият гардид, ки ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ фаро гирифта буд ва дар чунин шароит сиёсати хирадмандонае бояд пеш гирифта мешуд, ки бақои давлат ва якпорчагии миллатро таъмин кунад ва мавқеи сиёсии кишварро дар арсаи байналмилалӣ мустаҳкам гардонад. Инчунин, ба ҷанги шаҳрвандӣ тариқи гуфтушунид хотима бахшида шуд, ки баъд аз панҷ соли муқовимати мусаллаҳона Созишнома дар бораи истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон ба имзо расид ва ин дастоварди нодиртарини миллат дар даврони истиқлолият мебошад.

Ба шарофати ин санади муҳимми тақдирсоз ва сиёсати хирадмандонаи Пешвои миллат Тоҷикистон мавқеи худро дар сиёсати байналмилалӣ ва ҳаллу фасли мушкилоти сайёра мустаҳкам сохта, ба доираи ҳамкориҳои худ давлатҳои бисёрро ворид намуд ва бо дарназардошти манфиатҳои миллӣ тавозуни муносибатҳо ва манфиатҳои худро таъмин кард.

**Натиҷаҳои пурмаҳсули ин сиёсат аст, ки ҳамасола миёни Тоҷикистон ва беш аз 100 кишвари ҷаҳон табодули мол сурат мегирад ва чунин дастовардҳоро кишвари мо соҳиб гардид:**

- Соли 2013 ҶТ узви комилҳуқуқи яке аз созмонҳои бонуфузтарини дунё – Созмони Умумиҷаҳонии Савдо гардид.

- То имрӯз Тоҷикистон бо кишварҳои гуногуни олам беш аз 1200 ҳуҷҷати дуҷониба ба имзо расонидааст, ки масъалаҳои муносибату ҳамкориҳои дуҷонибаро дар соҳаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, тиҷоратӣ, ҳарбӣ-техникӣ, амният, илм, фарҳанг, маориф, тандурустӣ, сайёҳӣ ва дигар самтҳоро фаро мегиранд.

- Тоҷикистон бунёнгузори форматҳои нави муколама дар доираи кишварҳои форсизабон (сегонаи Тоҷикистон-Афғонистон-Эрон) ва кишварҳои "Чаҳоргонаи Душанбе" (Тоҷикистон-Россия-Афғонистон-Покистон) мебошад.

- Ташаббусҳои роҳбарияти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи об, ки аз ҷониби Созмони Милали Муттаҳид дастгирӣ ёфта, самти фаъолияти ҷомеаи ҷаҳониро аз баррасиву изҳори мақсад ва эълони ӯҳдадориҳо ба иҷрои чораҳои амалӣ равона кардаанд.

– Ташаббусҳои зерин дар маҷмӯъ ҳадафи стратегии наврo барои инсоният ва таъмини ҳаёти арзандаи одамон эҷод намуданд: "Соли байналмилалии оби тоза, соли 2003", "Даҳсолаи амалиёти байналмилалии "Об барои ҳаёт солҳои 2005-2015", Даҳсолаи байналмилалии "Амал об барои рушди устувор" солҳои 2018-2028".

Ҳамин тавр, қайд намудан мумкин аст, ки ҳаллу фасли мухолифати шаҳрвандӣ тариқи гуфтушунид, мусоидат ба ҳалли мушкилоти сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоии Афғонистон, рушди ҳамкориҳои минтақавӣ, ташаббусҳо оид ба истифодаи оқилонаи захираҳои обӣ ва ҳамкорӣ дар соҳаи энергетика, мубориза бар зидди терроризм, экстремизм ва қочоқи маводи мухаддир, инчунин дигар пешниҳодҳои арзишманди роҳбарияти Тоҷикистон аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ ҳамовозӣ ва дастгирӣ пайдо намудаанд.

# КОНСТИТУТСИЯ – ШОҲСУТУНИ ДАВЛАТДОРӢ



Диловар ЯҚУБОВ
донишҷӯи соли 3

Чи тавре ки маълум аст, мо имсол дар таҷлили 27-солагии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорем. Ҳанӯз баъди соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон зарурати қабули Конститутсияи нав ба амал омад.

Аз ин лиҳоз, соли 1993 комиссияи махсус ташкил гардида, 13-уми апрели соли 1994 бо Фармони Раёсати Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи Конститутсияи нави Ҷумҳурӣ ба муҳокимаи халқ пешниҳод гардид. Баъди муҳокима ва баррасии ҳаматарафаи ин лоиҳа 6-уми ноябри соли 1994 дар Тоҷикистони азизамон Конститутсия қабул гардид.

Мо имрӯз шукрона аз он мекунем, ки дар фазои истиқлолият, сулҳу суббот ва ваҳдати миллӣ озодона таҳти ҳамин Конститутсия кору фаъолият ва амал карда истодаем. Ҳар як давлат қонуни асосии худро дорад ва ҶТ низ дар баробари давлатҳои мутаммадини дунё Конститутсияи худро дорад, ки онро «Қонуни бахт» низ меномем.





Конститутсия ин рамзи озодӣ ва мустақилияти давлати мо буда, ҳуқуқу озодӣ, шаъну шараф ва ҳуқуқи инсонии ҳар як шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистонро кафолат медиҳад.

Имрӯз бо итминони комил бояд гуфт, ки Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон миёни қонунҳои асосии кишварҳои дигар мақому манзалати хосаеро доро буда, эътибору нуфузи давлати моро боло бурда, дар таҳкими ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар ҷомеа нақши муассил гузошт.

Беҳуда Конститутсияро бахтномаи миллат ва қонуни бахт нагуфтаанд, зеро тамоми кору фаъолият, рафтору кирдор ва ҳуқуқу озодиҳои мо аз Конститутсия сарчашма мегиранд. Конститутсия ба шаҳрвандон роҳу равиши зиндагии арзандаро нишон дода, амнияти давлату ҷомеаро таъмин мекунад.

# МАСИРИ РУШДИ СОЗМОНИ ҲАМКОРИИ ШАНХАЙ

Истиқболи 30-юмин солгарди Истиқлолияти давлатӣ бо шукуҳу шаҳомати хосса яке аз ҳодисаҳои таърихӣ ва фаромӯшнашаванда дар соли равон ба шумор меравад. Маҳз бо шарофати истиқлолият, имрӯз ҶТ ба узвияти як қатор созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ шомил гашта, ташаббусҳои роҳбари давлат аз сӯи ҷомеаи ҷаҳонӣ хуб пазирой гашта, иқдомҳои наҷибу созандаи он ҷонибдорӣ гаштаанд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати татбиқи як қатор ҳадафҳои стратегӣ, инчунин баҳри таъмини суботи сиёсии минтақа ва ҷаҳон, мубориза алайҳи терроризм ва экстремизми байналмилалӣ, ҳифзи истиқлолияти давлатӣ, таҳкими давлатдории миллӣ, ташаккули ҷомеаи демократӣ ва ҳуқуқбунёд, тақвияти ҳамкорӣ миёни давлатҳо ва пешбурди манфиатҳои миллати тоҷик дар арсаи байналмилалӣ ҳамкориро бо як қатор созмон ва давлатҳои ҷаҳон аз замони ба даст овардани истиқлолият ба роҳ мондааст. Дар ин масир нақши Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ташкил ва ташаккули Созмони Ҳамкории Шанхай иқдоми таърихӣ ваояндасоз баҳри рушди иқтисод ва тақвияти муносибатҳои дуҷониба ва бисёрҷониба дар минтақа мебошад. Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳанӯз аз замони таъсисёбии Созмони Ҳамкории Шанхай узви фаъоли ин созмон ба ҳисоб рафта, мавқеи худро дар доираи ҳамкории ин созмон мустаҳкам намуда, баҳри ҳалли мушкилотҳои мубрами минтақа пешниҳодҳо намудааст. СҲШ дар давоми фаъолияти худ нишон дод, ки ҳамчун ниҳоди бонуфуз ва байналмилалӣ дар минтақа баҳри ҳаллу фасли мушкилотҳо нақши сазгор дошта метавонад.



Нусратуллои НАЗАРИЁН
донишҷӯи соли 4

Пешвои миллат доир ба созмони мазкур чунин ибрози назар намудаанд: "Дар тӯли таърихи бистсолаи худ СҲШ ба яке аз созмонҳои бонуфузи байналмилалии намунаи нав, ба сохтори нодири минтақавӣ мабаддал гашт, ки борҳо хусусияти умумибашарии худро дар ҳаллу фасли масоили мубрами ҷаҳонӣ исбот кардааст".

Созмони Ҳамкории Шанхай созмони минтақавӣ буда, дар таъсис ёфтани он Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши созанда дорад. Ҷумҳурии Тоҷикистон бо пеш гирифтани сиёсатӣ дарҳои кушод тавонист ҳамкориҳои мутақобилан судманд ва сиёсати ҳасанаро дар самтҳои мухталиф бо давлатҳои ҷаҳон ба роҳ монад. Натиҷаи ҳамин сиёсати башардӯстона аст, ки дар баробари истиқболи ҷашни бузурги миллӣ, яъне Истиқлолияти давлатӣ нишасти сарони давлатҳои СҲШ дар шаҳри Душанбе баргузор гардид. Мизбони чунин як чорабинии сатҳи баланд будан, дар фазои ҷашнӣ ва сулҳу субот ҳодисаи муҳими сиёсӣ ба шумор меравад. СҲШ дар тӯли таърихи фаъолияти худ тавонистааст якчанд давлатҳои минтақаро ҷиҳати ноил гаштан ба ҳадафҳои муштарак муттаҳид намояд. Ҳадафҳои асосии СҲШ аз таҳкими боварии мутақобилан судманд ва ҳамсоягии неки кишварҳои аъзо, мусоидат ба ҳамкории самарабахш дар соҳаҳои сиёсӣ, тиҷоратӣ, иқтисодӣ, илмӣ, техникӣ ва фарҳангӣ, инчунин дар соҳаи маориф, энергетика, нақлиёт, туризм, ҳифзи муҳити зист ва таъмини сулҳ, амният ва субот дар минтақа мебошад.

Тоҷикистон ҳамчун як қисмати ҷомеаи ҷаҳонӣ нисбат ба таҳавулотҳои сиёсии минтақа бетафовут набуда, мекӯшад СҲШ-ро ҳамчун созмони неруманди минтақа баҳри бартараф намудани ин мушкилотҳо моил намояд. Зеро дар тӯли фаъолияти ин созмон ҳамеша баҳри ҳифзи суботи минтақа кӯшиш намудааст.

Натиҷаи фаъолияти ин созмон нишон медиҳад, ки Тоҷикистон аз солҳои таъсиси он ва оғози ҳамкорӣ мавқеи стратегӣ ва геополитикии худро мустаҳкам намуда, дар ин масир ҷиҳати тақвият додани муносибатҳои дӯстона миёни давлатҳои аъзо нақши калидӣ дошта аст. Дар ин замина комёб гаштани Тоҷикистон ва пиёда намудани як қатор барномаҳои давлатӣ, ноил гаштан ба дастовардҳо ҷиҳати рушди иқтисоди миллӣ, инчунин таъмини амнияти минтақа ва ҷаҳон аҳамияти хосса доранд.



## ДАР ЗЕРИ ҲАФТ СИТОРАИ ТОҶИКИСТОН

**Бароям камоли ифтихор аст, ки имкони иштирок дар барномаи идонаи театрӣ дар «Наврӯзгоҳ»-и шаҳри Душанбе бахшида ба 30-юмин солгарди Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон насиб гардид.**

Ҳангоми иштирок дар ин чорабинии бузурги фарҳангӣ дар ҳолати ҳаяҷони баланди эҳсосӣ қарор гирифтам, чунки ҳангоми таҷлили ин чорабинӣ дар Маҷмааи давлатии «Наврӯзгоҳ» санаи 9 сентябри соли 2021 ба мушоҳида расид, ки тақрибан 500 дрон барои намоиши театркунонидашуда истифода гардида, дар осмони софу беғубори пойтахти кишвари азизамон рукнҳои давлатдории миллии мамлакатро ба намоиш гузоштанд, ки аз дурахши ҳафт ситораи Тоҷикистон ба ваҷд омадам.

Ҳамин тавр, бо ёрии дастовардҳои навини технологӣ рукнҳои давлатӣ: харитаи кишвар, Нишони давлатӣ, тоҷи нимдоира аз ҳафт ситора, дил — рамзи муҳаббат бо рангҳои Парчами миллӣ, обидаи «Истиқлолият ва Озодӣ», инчунин навиштаҷоти «Истиқлолият муборак бод!» бо дастхати Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тасвир шуданд.

Ман ҳамчун донишҷӯ аз он ифтихор менамоям, ки дар қадамҷойи фарзандони фарзонаи миллат гом ниҳода, аз гулбоғи маърифат, хоса осори гаронбаҳои Китобхонаи миллӣ баҳраёб мешавам. Чунин шароити орому осоиштаи пойтахти илму фарҳангии Тоҷикистон - шаҳри Душанбе ба раҳбарии раиси шаҳри Душанбе, Раиси Маҷлиси Миллии Маҷлиси Олии ҶТ Рустами Эмомалӣ мо донишҷӯёнро водор мекунад, ки ба таҳсили аъло чун мутахассиси хуб камол ёфта, Тоҷикистонро дар арсаи олам муаррифӣ намоем.

**Комрон ОРИФӢ, донишҷӯйи соли 2**

# МЕЪЁРҲОИ КОНСТИТУТСИЯ



**Шодибой РАҲИМӢ донишҷӯи соли 1**

**Моддаи 5.Инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ арзиши олӣ мебошанд.**

Байни ҳамаи арзишҳои маънавӣ, ки аксари одамон дар ҷомеаҳои озоди демократӣ эътироф кардаанд, ҳуқуқҳо ва озодиҳои инсон аз ҳама муҳимтарин мебошанд. Арзиши олӣ эътироф шудани инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ шаҳодати комили давлати демокративу ҳуқуқбунёд будани ҶТ аст. Дар замони муосир ҶТ ҳамчун давлати воҳид ва демокративу ҳуқуқбунёд ҳамаҷиҳата кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯро арзиши олӣ эътироф намуда, амалишавии онҳоро тибқи стандартҳои байналмилалии соҳаи ҳуқуқи инсон ба роҳ монад. Бо мақсади амалӣ намудани ҳадафи мазкур ҶТ пеш аз ҳама, дахлнопазир эътироф кардани ҳуқуқҳои фитрии инсон ба монанди ҳуқуқ ба ҳаёт, қадр, номус, ҳуқуқ ба озодӣ аз ғуломӣ, ҳуқуқ ба озодии виҷдон ва эътиқоди динӣ оғоз намуд. Аз он сабаб дар Конститутсия ҳуқуқҳои фитрии инсон эътироф ва дахлнопазир эълон гардидаанд, ки онҳо асоси бунёдии (фундаменталии) низоми ҳуқуқу озодиҳои инсонро дар соҳаи сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ташкил медиҳанд.

**Саидмуртазо САФАРЗОДА донишҷӯи соли 1**

**Моддаи 6. Дар Тоҷикистон халқ баёнгари соҳибихтиёрӣ ва сарчашмаи ягонаи ҳокимияти давлатӣ буда, онро бевосита ва ё ба воситаи вакилони худ амалӣ мегардонад.**

Халқи Тоҷикистон манбаи соҳибихтиёрӣ ва кафолати истиқлолияти дохилӣ ва хориҷии кишвар аст. Сарчашмаи соҳибихтиёрии давлат аз ҳаққи табиии халқи Тоҷикистон ба худмуайянкунӣ иборат аст.

Одатан тахти мафҳуми соҳибихтиёрӣ се ҷанбаи муҳими он ба назар гирифта мешавад: соҳибихтиёрии халқӣ, миллӣ ва давлатӣ. Соҳибихтиёрии халқ ҳамчун волоият ва умумияти ҳокимияти халқ нисбат ба дигар намудҳои соҳибихтиёрӣ мавқеи асосиро ишғол менамояд. Зеро маҳз дар заминаи ҳамин навъи соҳибихтиёрӣ табиати демократии давлат ҳифз гардида, ҳуқуқу озодиҳои инсон таъмин мешавад ва мавқеи халқ ҳамчун субъекти комилҳуқуқи идораи давлат собит мегардад. Соҳибихтиёрии халқ аз худи халқ сарчашма гирифта, барои идораи халқ равона шудааст, яъне ин ҳокимияти комилан халқист.

Сарчашмаи ягонаи ҳокимияти давлатӣ будани халқ чунин маънӣ дорад, ки халқи Тоҷикистон, яъне шаҳрвандони Тоҷикистон манбаи ҳокимият ва ба қудрати давлатанд. Мақомоти ҳокимияти давлатӣ тавассути ширкати бевоситаи шаҳрвандони кишвар таъсис дода мешавад. Ташкилу фаъолияти мақомоти намояндагӣ, иҷроия ва судӣ бо иштироки бевосита ва ё бавоситаи халқи Тоҷикистон сурат мегирад.



**Нурмуҳаммад НАСРИДДИНОВ донишҷӯи соли 1**

**Моддаи 9: Ҳокимияти давлатӣ дар асоси таҷзияи он ба ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ амалӣ мегардад.**

Таҷзияи ҳокимияти давлатӣ ба се шохаи мустақил ин принсипи асосии фаъолияти мақомоти давлатӣ мебошад. Мақсади асосии ин принсип ноил гардидан ба мустақилияти пурраи шохаҳои ҳокимият, роҳ надодан ба ҳар гуна сӯиистеъмоли ҳокимияти давлатӣ аз тарафи мақомоти он мебошад. Ин чунин маъно дорад, ки ҳокимияти давлатӣ ягона ва тақсимнашаванда мебошад ва танҳо шохаҳои он аз ҳамдигар бояд фарқ намояд. Шохаҳои ҳокимият вазифаҳоеро иҷро менамоянд, ки дар салоҳияти онҳо мебошад. Онҳо ба ҳамдигар таъсир расонида, барои бунёд намудани давлати ҳуқуқбунёд нақшгузоранд. Ҳокимияти қонунгузор аз тарафи мардум интихоб гардида, қонунҳоро қабул мекунад. Ҳокимияти иҷроия барои амалӣ кардани қонунҳо ва фаъолияти хоҷагидорию идоракунӣ саҳмгузор аст. Ҳокимияти судӣ дар самти баркарор намудани ҳуқуқҳои вайроншуда талош намуда, барои ҳаргуна сӯиистеъмолкунии ҳуқуқ ҷораи дахлдор меандешад.



**Муҳаммадҷон САЙФИДДИН донишҷӯи соли 1**

**Моддаи 17. Ҳама дар назди қонун ва суд баробаранд.**

Баробарии ҳама дар назди қонун ва суд яке аз асосҳои муайянкунандаи мавқеи шахс дар низоми ҳуқуқӣ мебошад. Дар сатҳи Конститутсия баробар эътироф гардидани ҳама, новобаста ба синну сол, ҷинс, забон, вазъи иҷтимоӣ ва мавқеи сиёсӣ нишонаи комилҳуқуқӣ ва демократия дар ҷомеа мебошад. Ин падидаи ҳуқуқиро санадҳои байналмилалӣ оид ба ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, пешбинӣ кардаанд.

Дар қисми 2 моддаи 17 зикр карда мешавад, ки мардон ва занон баробарҳуқуқанд. Ин меъёр ифодагари он аст, ки занон дар баробари мардон имрӯз дар дилхоҳ соҳаҳои ҳаётии фаъолияти ҷамъиятӣ метавонанд кор ва фаъолият намоянд. Дар ин замина, якчанд санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ба тасвиб расидааст. Аз он ҷумла, Қонуни ҶТ «Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии занон ва мардон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо» аз соли 2005. Қонуни мазкур, муносибатҳо оид ба таъмини кафолатҳои конститутсионии баробарҳуқуқии мардону занонро дар соҳаи сиёсӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва дигар соҳаҳо ба танзим медарорад ва ҳуқуқпоймолкуниро аз рӯи аломатҳои ҷинсӣ пешгирӣ мекунад.

**Акбаралӣ ЮСУПОВ донишҷӯи соли 1**

**Моддаи 19. Ҳар кас кафолати ҳифзи судӣ дорад.**

Моддаи зикршуда имконият медиҳад, ки дар бораи



ҳама гуна қарор ва амали ғайриқонунии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва шахсони мансабдори он аз ҷумла, прокурор, муфаттиш, мақомоти тафтиш, муассисаҳои иҷрои ҷазо, мақомоти фавриюҷустуҷӯӣ, мақомоти назорати молиявӣ ва муқовимат бо коррупсия ва мақомоти андозу гумрук ба суд шикоят намоянд. Ҳар як шахс ҳуқуқ дорад талаб намояд то худро аз айби эълоншуда тавассути суди босалоҳият беғараз ва мустақил ҳимоя намояд.

Ҳифзи судии инсон ва шаҳрванд тавассути низоми судии ҶТ, ки дар моддаи 84 Конститутсия пешбинӣ гардидааст, ба амал бароварда мешавад.



**Оятуллои РАҲМАТУЛЛО донишҷӯи соли 1**

**Моддаи 21. Ҳуқуқи ҷабрдидаро қонун ҳифз мекунад.**

Ҳимояи ҳуқуқи ҷабрдида аз кафолати ҳифзи судӣ доштани ҳар шахс сарчашма мегирад. Шахси ҷабрдида ҳуқуқ

# МУҚАДДАСУ ГАРОНАРЗИШАНД



дорад ҷуброни зарарро, ки аз шахсони воқеӣ, ҳуқуқӣ ва давлат ба ӯ расонида шудааст, бо шикоят ба суд талаб намояд. Дар ин маврид, давлат ҳифзи судӣ ва ҷуброни зарарро ба ҷабрдида кафолат медиҳад. Аз таҳлили қонунҳои мурофиавӣ бармеояд, ки шахс дар ҳамон вақт ҷабрдида эътироф мешавад, ки ҷиноят ба ҳаёт, шаъну шараф, саломатӣ, меҳнат, молумулк, ҳуқуқҳои сиёсӣ ва дигар озодиҳои шахс зарар расонида шуда бошад. Яъне ба ҷабрдида вобаста ба амали содиркардааш мумкин аст, ки зарари моддию маънавӣ расонида шавад. Яке аз шартҳои асосии ба амал баровардани адолат ба он вобаста аст, ки судияҳо бояд иштироки ҷабрдидаро дар мурофиаи ҷиноятӣ бо тартиби муқарраркардаи қонун ба таври қатъӣ таъмин намоянд.

**Зубайдуллоҳ ШАРИПОВ**
**донишҷӯи соли 1**

**Моддаи 28. Шаҳрвандон ҳуқуқи муттаҳид шудан доранд.**

Андешаи ман дар он аст, ки ҳуқуқ ва озодиҳои сиёсӣ аҳамияти махсус доранд, зеро онҳо ба мустаҳкам кардани алоқаи шаҳрванд бо ҷомеа ва давлат нигаронида шуда, мақсадашон роҳ надодан ба бетафовутии шаҳрвандон ба тақдир ва фаъолияти худ мебошад. Ҳар як инсон маҷмуи томи ҳуқуқ ва озодиҳои гуногунро амалӣ месозад, вале ҳуқуқ ва озодиҳои сиёсиро асосан шаҳрвандони давлатҳои муайян доранд, яъне мавҷудияти онҳо аз мансубияти шаҳрвандӣ вобаста аст.



Ба шаҳрвандон ҳуқуқ дода шудааст, ки муттаҳид шуда, якҷоя иттифоқҳои касаба, ҳизби сиёсӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва монанди онҳоро таъсис диҳанд ё ба чунин иттиҳодияҳо дохил шаванд.

**Шукрия ДАВЛАТЗОДА**
**донишҷӯи соли 1**

**Моддаи 30. Ба ҳар кас озодии сухан, нашр, ҳуқуқи истифодаи воситаҳои ахбор кафолат дода мешавад.**

Яке аз ҳуқуқҳои сиёсии шаҳрвандон ин изҳори озодонаи ақидаву андешаи худ вобаста ба ҳаёти давлативу ҷамъиятӣ мебошад. Давлат



барои ҳар як шахс ҳуқуқи озод баён кардани фикр, озодона зиндагӣ кардан, кор кардан, озодона алоқа доштан бо воситаҳои ахбори омма ва шабакаҳои интернетиро додааст.

Мо дар ҷомеа зиндагӣ мекунем ва бетараф будан дар самти ободии кишвари азиз, нишони худшиносии миллӣ нест. Аз ин рӯ, Конститутсия ба мо кафолат додааст, ки бо андешаҳои солиму созанда дар ҳаёти сиёсии кишвари азизамон фаъолона ширкат варзида, барои боз ҳам осудаву ором нигоҳ доштани ҷамеаи мамлакат саъю талош варзем.

Бояд дар хотир дошт, ки сирри давлатиро ошкор кардан ва ибрози он дар воситаҳои ахбори омма иҷозат дода намешавад ва барои ин амал қонунгузории ҶТ ҷавобгарии ҷиноятӣ муқаррар намудааст.

**Бахтовари БАХТИЁР**
**донишҷӯи соли 1**

**Моддаи 42. Дар Тоҷикистон ҳар шахс вазифадор аст, ки Конститутсия ва қонунҳоро риоя кунад, ҳуқуқ, озодӣ, шаъну шарафи дигаронро эҳтиром намояд.**

Андешаи ман дар ин бобат чунин аст, ки Конститутсия ва қонунҳои ҶТ кафолатҳои амалишавии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, инчунин, ҳифзи ҳуқуқии ӯро муқаррар намуда, барои танзими муносибатҳои гуногуни ҷамъиятӣ заминаи ҳуқуқӣ ба вуҷуд меоранд. Аммо, амалишавии меъёрҳои Конститутсия ва қонунҳо аз амали ҳар як шахс вобаста мебошад, зеро дар сурати аз ҷониби шахс эҳтиром гузоштан ба қонун ва таъмини риояи меъёрҳои он ҳадафҳои давлати ҳуқуқбунёд татбиқ гардида, таъмини волоияти қонун ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд амалӣ мешавад. Дар сурати ҳар чи бештар огоҳ будани шахс аз муқаррароти Конститутсия ва қонунҳо ҳамон қадар содир шудани амалҳои ҳуқуқвайронкунӣ кам гардида, тартиботи ҷамъиятӣ устувор мегардад.

**Пайрав НАЗАРЗОДА**
**донишҷӯи соли 1**

**Моддаи 43. Ҳифзи Ватан, ҳимояи манфиати давлат, таҳкими истиқлолият, амният ва иқтидори мудофиавии он вазифаи муқаддаси шаҳрванд аст.**

Вазифаи ҳифзи Ватан яке аз вазифаҳои асосӣ ва муқаддаси конститутсионии ҳар як шаҳрванд мебошад, ки тибқи он Конститутсия вазифаи муқаддаси ҳар як шаҳрвандро оид ба ҳифзи Ватан, ҳимояи манфиати давлат, таҳкими истиқлолият, амният ва иқтидори мудофиавии онро муқаррар кардааст. Ҳар як давлат барои ҳимояи истиқлолияти худ ҷораҳои ҷиддиро раво



мебинад. Дар андешидани ин ҷораҳо шаҳрванд ҷузъи кулл ва субъекти фаъол буда, ҳам ба воситаи намояндагӣ ва ҳам бевосита дар ҳалли масъалаҳои ҳифзи Ватан ва пурзӯр кардани иқтидори мудофиавии он иштирок менамояд.

**Амрулло ОЛИМОВ**
**донишҷӯи соли 1**

**Моддаи 45. Супоридани андоз ва пардохтҳо, ки қонун муайян кардааст, ҳатмист.**



Мусаллам аст, ки шаҳрвандони ҶТ, шаҳрвандони хориҷӣ, шахсони бешаҳрванд, ки дар ҶТ зиндагӣ намуда, ба фаъолияти музднок дар дилхоҳ соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ, аз ҷумла соҳибкорӣ машғуланд, андозро бояд супоранд. Меъёри моддаи 45 Конститутсияи ҶТ уҳдадоркунанда буда, барои иҷро накардани он қонунгузории ҶТ ҷавобгарӣ пешбинӣ намудааст. Аз ин рӯ, ҳамаи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ вазифадоранд, ки намудҳои муқарраркардаи андозҳоро, ки қонунҳо муайян кардаанд пардохт намоянд. Андоз ин асоси пешравии ҷамъият, инкишофи соҳаҳои хоҷагии халқ ба ҳисоб меравад. Намудҳои андоз ва тартиби супоридани он, субъектони андозсупорандаро ба таври мушаххас Кодекси андози ҶТ муқаррар мекунад.

**Таҳияи Фирӯз ШОЕВ**
**номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент**



# ТАЪРИХИ ТАШАККУЛ ВА ИНКИШОФИ КОНСТИТУТСИЯ



Максудҷон ГУЛОВ
магистри соли 2

Дар зери истилоҳи Конститутсия одатан Қонуни асосии давлат, яъне санади олии ҳуқуқӣ фаҳмида мешавад. Вожаи Конститутсия маънои сохт ва муқаррар карданро дошта, барои истифодаи қонуни асосии давлат дар натиҷаи инқилоби буржуазӣ пайдо гардидааст. Конститутсия яке аз асоситарин санади ҳуқуқӣ дар низоми санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба шумор меравад ва меъёрҳои он қувваи олии ҳуқуқиро доро буда, мустақиман амал менамоянд.

Конститутсия дорои таърихи наонқадар дароз буда, дар шакл ва мазмуни ҳозирааш ҳамаги 234 сол боз амал мекунад. Истилоҳи Конститутсия ҳанӯз дар Рими қадим маълум буд, аммо на ба монанди Конститутсияҳои ҳозира тамоми пахлуҳои ҷамъиятро дар бар мегирифт, балки танҳо тартиби вориси тахти шоҳӣ будан ва усули ба тарзи идоракунии давлат вобастаро танзим мекард.

**Пайдоиш ва инкишофи Конститутсияҳои Тоҷикистон бо барпоёбӣ ва ташаккули аввалин давлати миллии шӯравии Тоҷикистон алоқаманд аст. Соли 1929 дар Тоҷикистон аввалин Конститутсия қабул гардид. 16 октябри соли 1929 ҶМШС Тоҷикистон ҳамчун узви мустақил ба ҳайати ИҶШС дохил гардид. Аз ин рӯ, 25 феврали соли 1931 Конститутсияи Ҷумҳурии иттифоқии Тоҷикистон қабул карда шуд.**

Соли 1936 ИҶШС Конститутсияи нави худро қабул кард, ки ин як замима барои қабули Конститутсияи нав дар ҶШС Тоҷикистон гардида буд ва бо ҳамин мазмун 1 марти соли 1937 анҷумани шашуми фавқулодаи ҶШС Тоҷикистон Конститутсияи нави ҷумҳурии иттифоқиро қабул кард. Минбаъд, бо пешравии муносибатҳои ҷамъиятӣ ва ташкили давлати умумихалқӣ зарурати қабули қонуни асосии нав ба миён омад ва бинобар чунин зарурат ҶШС Тоҷикистон Конститутсияи давраи нави рушдро соли 1978 қабул кард, ки то замони соҳибистиқлолӣ ва қабули Конститутсияи соли 1994 амал намуд.




**6-уми ноябри соли 1994 оид ба қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон раъйпурсии умумихалқӣ гузаронида шуд. Натиҷаи расмии раъйпурсӣ чунин буд: дар 64 ҳавзаи овоздиҳӣ 2 685 724 шаҳрванд ба рӯйхат гирифта шуда, дар раъйпурсӣ 2 535 437 нафар ширкат варзиданд.**

Нақши Конститутсия дар низоми санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ басо бузург аст. Меъёрҳои Конститутсияи ҶТ сарчашмаи асосии ҳамаи соҳаҳои ҳуқуқ, аз ҷумла ҳуқуқи маъмурӣ, соҳибкорӣ, гражданӣ, ҷиноятӣ ва ғайра мебошад.

# КОНСТИТУТСИЯ ИФТИХОРИ ДАВЛАТИ МОСТ



Орзу МАҲМАДАЛИЕВ
корманди Маркази миллии
қонунгузории назди Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон

6-уми ноябри соли равон мардуми Тоҷикистон 27-умин солгарди қабули Конститутсияи давлати соҳибистиқлоли худро ҷашн мегиранд. Рӯзи Конститутсия барои мо ҳамчун ҷашни шаклгирии давлатдории миллӣ ва таҳкими амнияту суботи сиёсию иҷтимоии Тоҷикистон, ки аҳамият ва шукӯҳи хоса дорад, бо тантана истиқбол мегардад.

Дар давоми қариб беш аз се даҳсола халқи Тоҷикистон ҳамчун баёнгари соҳибихтиёрӣ ва сарчашмаи ягонаи ҳокимияти давлатӣ сарнавишти худро тибқи муқаррароти ин ҳуҷҷати тақдирсоз муайян ва самтҳои тараққиёти ҳамаи соҳаҳои зиндагиашро мушаххас гардонид.

**Бояд ёдовар шуд, ки дар қабули Конститутсияи имрӯзаамон саҳми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон басо бузург аст.**

Халқи Тоҷикистонро бахту саодати бузурге насиб шудааст, ки соҳиби чунин Конститутсияи сазовор мебошад. Ҳамон тавре ки Пешвои миллат дар пешгуфтори тафсири илмӣ-оммавии Конститутсияи ҶТ зери унвони «Ҳар як халқу миллат ҳамон Конститусияеро дорад, ки ба он сазовор аст», менависад «...агар мавқеи илмӣ ва ҳам шаҳрвандии мутахассисони худиро дар масъалаи арзёбии Конститутсия як сӯ гузорем, ба эътибори коршиносони дақиқсанҷи як қатор давлатҳои пешрафтаву мутамаддини ҷаҳон ва созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ, аз қабили Созмони Милали Муттаҳид ва Созмони амнияг ва ҳамкорӣ дар Аврупо, Конститутсияи ҶТ яке аз намунаҳои беҳтарини Конститутсияҳои демократии ҷаҳонӣ маҳсуб мешавад».

Мардуми Тоҷикистон марҳалаи давлатдории ҳуқуқбунёди демократӣ, эъмори ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ривоҷи муносибатҳои нави иқтисодиро дар заминаи моликияти хусусӣ ва соҳибкорӣ шурӯъ намуд. Давраи мустақили рушди иқтисодиву сиёсӣ ва иҷтимоиву фарҳангӣ дар робита бо эҳёи суннатҳои давлатдории ниёгон, истифодаи васеи анъанаҳои миллӣ, мероси ғании фарҳангӣ ва дар заминаи густариши равобити дутарафаву бисёртарафа бо давлатҳои хориҷӣ ва ташкилотҳои бонуфузи байналмилалӣ оғоз шуд. Дар ҷомеа зарурати таърихии интихоби шакли нави давлатдорӣ, низоми мақомоти нави ҳокимияти давлатӣ, таъмини арзишҳои вокеии олии инсон ва ҳуқуқу озодиҳои он, танзими муносибатҳои нави ҷамъиятӣ эҳсос мегардид.

Яке аз масъалаҳое, ки ба мавзӯи равобит ва алоқамандии низоми ҳуқуқи миллӣ ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, инчунин оид ба мақоми ин санадҳо дар низоми ҳуқуқи миллӣ робитаи зич дорад, ин бешак масъалаи равобити Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ мебошад. Конститутсия ба сифати Қонуни асосии тамоми давлатҳо, аз ҷумла ҶТ, бароманд намуда, дорои як қатор хусусиятҳои худ мебошад. Аз ҷумла, меъёрҳои конститутсионӣ ба таври мустақим амал намуда, қувваи олии ҳуқуқӣ доранд.

**Конститутсия нахустин Қонуни асосии давлати Тоҷикистон аст, ки дар он таҷзияи ҳокимияти давлатӣ ба ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ, тартиби ташкил, салоҳият ва мувозинати байни мақомоти қонунгузор, иҷроия ва судӣ ифодаи қонунӣ ёфтааст. Таҷрибаи амалӣ гаштани ин меъёрҳои конститутсионӣ дар солҳои Истиқлолияти давлатӣ заминаи ташкилу фаъолияти мӯътадили ҳамаи рукнҳои ҳокимияти давлатӣ гардид.**

Конститутсия Истиқлолияти давлати моро ба расмият дароварда, роҳи минбаъдаи инкишофи ҷомеаи навини Тоҷикистонро муайян кард. Конститутсия шакли идораи ҷумҳурии президентиро муқаррар намуда, бо ин роҳ имкон дод, ки низоми ягона ва сариштаёфтаи ҳокимияти иҷроия сохмон дода шавад, сулҳу салоҳ, ваҳдату оромӣ ва қонунияту тартибот дар ҷомеа таъмин гардад, ба инкишофи сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии он мусоидат карда шавад.

**Ҳамин тавр, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1994 заминаҳои ҳуқуқӣ-сиёсии ҷомеаи навини Тоҷикистонро муҳайё сохт ва минбаъд низ барои таҳким ва рушди он хизмат хоҳад намуд.**

# КОНСТИТУТСИЯ – БАХТНОМАИ МИЛЛАТ

Ҳанӯз 27 сол муқаддам 20 июли соли 1994 Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон зимни маърӯза дар Иҷлосияи XVI-уми Шӯрои Олии Тоҷикистон оид ба ислоҳоти конститутсионӣ, тартиби қабул ва мавриди амал қарор додани Конститутсияи ҶТ ибрози назар намуда буданд. Зеро, бояд санади сарнавиштсозе қабул мегардид, ки ҳаёти сиёсию иқтисодӣ ва иҷтимоии аҳолиро танзим намояд ва роҳи имрӯзуояндаи халқи тоҷикро муайян созад.

**6 ноябри соли 2021 аз қабули волотарин ва муҳимтарин санади ҳуқуқии кишвар – Конститутсияи давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон 27 соли расо пур мешавад.**

Баъди аз чор соли қабули Конститутсия ва сипарӣ шудани марҳилаи душвортарини таҳкими давлатдории нав, мухолифати шадиди неруҳои сиёсӣ, бӯҳрони вазнини иқтисодӣ ва дарёфти сулҳи сартосарӣ таърихи 5 ноябри соли 1998 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин андешаи созандаро иброз намуданд, ки Қонуни асосии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба талаботи ҷомеаи дар ҳақиқат демократӣ ва меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ пурра ҷавобгӯй аст.

Баъд аз се моҳи Иҷлосияи XVI-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Конститутсияи кишвар ба ихтиёри ирода ва ҳукми халқ, яъне раъйпурсии умумӣ вогузор шуда, бо ҷонибдории аксарияти аҳолии кишвар қабул гардид. Ҳамин тариқ, Истиқлоли давлатии Тоҷикистон тавассути ҳамин Конститутсия аз нигоҳи ҳуқуқӣ пурра ба расмият дароварда шуд.

Аҳамияти фавқулода бузурги Конститутсия дар таҳкими пояҳои иҷтимоию иқтисодӣ, ҳуқуқӣ ва идеологии давлати навистиқлоли тоҷикон тавассути тағйирнопазир эълон шудани натанҳо шакли идора, балки моҳияти ҳуқуқбунёдӣ, дунявӣ, демократӣ ва иҷтимоии давлат ба таври барҷаста аён мегардад.

**Воқеан, ҷавобгӯи демократия будани ин ё он Конститутсия аз мундариҷаи демократӣ доштани он бармеояд. Қабл аз ҳама, Конститутсия бояд ба рушди мунтазаму устувори институтҳои марказии демократӣ мусоидат кунад, ки интихоботи озоду шаффоф, интихобӣ будани ашхоси мансабдор, озодии афкор, дастрасӣ ба сарчашмаҳои алтернативии иттилоот, ҳуқуқҳои умумии шаҳрвандӣ, мухторияти ассотсиатсияҳо (ҳизбҳои сиёсӣ, гурӯҳҳо аз рӯи манфиат, ҷамъиятҳои шаҳрвандон ва ғ.) ба онҳо шомиланд. Ғайр аз ин ҳуқуқҳои асосӣ, мувозинати манфиатҳо, ҳисоботдиҳӣ, намояндагӣ, идоракунии пурсамар, баровардани қарорҳои босалоҳият, шаффофият ва ошкорбаёнӣ – омилҳое мебошанд, ки барои рушди давлат мусоидат намуда, бояд дар Қонуни асосии давлат дарҷ карда шаванд.**

Конститутсияи Тоҷикистон беҳтарин арзишҳои ҷомеаи ҷаҳониро дар худ инъикос кардааст, аммо ин маънои онро надорад, ки бе инкишофи баланди шуури иҷтимоӣ меъёрҳои конститутсионӣ дар ҷомеа татбиқ карда мешаванд. Сатҳи шуури иҷтимоӣ аз худшиносии иҷтимоию маънавии шаҳрвандон вобастагии амиқ дорад. Маҳз ҳамин гуна сатҳи шуур ва худшиносӣ дар тинати мардуми тоҷик буд, ки хавфи таназзули давлат дар солҳои душвори 1993-1997 аз байн рафт.

Маҳз бо шарофати ҷидду ҷаҳд ва талошҳои пайгиронаи шабонарӯзии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон






**Даврон НАЗИРМАДЗОДА**
**роҳбари дастгоҳи суди ш. Душанбе**

навсозии тамоми соҳаҳои хоҷагии халқ дар заминаи ислоҳоти конститутсионӣ оғоз шуд. Хусусияти аз ҳама муҳим ва ҷолиби диққати ин Конститутсия дар он зоҳир гардидааст, ки ба ягон мафкураи ҳизб ё ташкилоти диниву сиёсӣ асос наёфтааст.

Месазад иброз намуд, ки Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи амалисозии меъёрҳои худ тавонист то вазъи мавҷудаи кишварро пурра мавриди танзим қарор диҳад ва халқу миллати тоҷикро дар фазои муттаҳидӣ муаррифӣ созад. Бо шукргузорӣ аз Истиқлоли давлатӣ ва тантанаи қонуният дар кишвар ҳамаи шаҳрвандони кишварро ба муносибати таҷлили 27-умин солгарди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон самимона табрик намуда, ба онҳо саломативу сарбаландӣ, хонаи обод, зиндагии хуш ва ба Тоҷикистони азиз оромиву ободии ҳамешагиро таманно менамоям.

# АМНИЯТИ ОЗУҚАВОРӢ – ҚИСМИ ТАРКИБИИ АМНИЯТИ МИЛЛӢ



**Муҳаммад ҚУРБОНЗОДА**
**магистри соли 1**

Баъди ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон ба марҳалаи нави таърихӣ ва рушд ворид гардида, дар ҳаёти иқтисодиву иҷтимоӣ ва сиёсӣ ва ҳуқуқии мамлакат дигаргуниҳои куллӣ ба вуқӯъ пайваст. Қабл аз ҳама пазируфтани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба узвияти як қатор созмонҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ ва эътироф гардидани он ба ҳайси субъекти комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ заминаи воқеӣ барои рушд ва таъмини амнияти озуқаворӣ гузошт.

## АМНИЯТИ ОЗУҚАВОРӢ – ҲАДАФИ СТРАТЕГӢ

Ҷумҳурии Тоҷикистон баробари ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ ҷиҳати рушди кишвар ҳадафҳои стратегии худро интихоб намуд, ки яке аз онҳо расидан ба амнияти озуқаворӣ ва таъмини бехатарии он дар мамлакат мебошад. Қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тариқи раъйпурсии умумихалқӣ аз ҷониби шаҳрвандони ҷумҳурӣ, ҳамчун ҳуҷҷати муҳимми сиёсӣ-ҳуқуқӣ, заминаи устувор барои инкишофи минбаъдаи тамоми соҳаҳои ҳаёти мамлакат гузошт. Бо ин мақсад, ҷиҳати таъмин намудани шаҳрвандон бо маҳсулоти баландсифат ва бехатар дар доираи барномаҳои махсус таваҷҷуҳи ҳамешагӣ равона гардида, аз оғози соҳибистиқлолӣ то инҷониб даҳо барномаҳои давлатӣ дар ин самт қабул карда шуданд. Ҳамчунин аз ҷониби Маҷлиси Олӣ як қатор санадҳои меъёрии хуқуқӣ қабул гардид. Аз ҷумла, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи таъмини амнияти озуқаворӣ” 29 декабри соли 2010, №671, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ” аз 1 августи 2012, №890 ва дигар барномаву стратегияҳо, ки аз ҷониби мақомоти ваколатдор тасдиқ гардидаанд.

## МАФҲУМИ АМНИЯТӢ ОЗУҚАВОРӢ

Расидан ба истиқлолияти озуқаворӣ ин яке аз ҳадафҳои стратегии Ҳукумати мамлакат маҳсуб меёбад. Зери мафҳуми истиқлолияти озуқаворӣ шароити таъмини амнияти озуқаворechии давлат дар назар дошта мешавад, ки дар сурати қатъ гардидани интиқоли озуқа аз хориҷи кишвар бӯҳрони озуқаворӣ ба амал намеояд. Ҳамчунин, қайд намудан бамаврид аст, ки ҳангоми бад шудани ҳолати амнияти озуқаворӣ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад воридот ва содироти маҳсулоти озуқавориро муваққатан манъ ва ё маҳдуд намояд ва ҳангоми ба вуҷуд омадани бӯҳрони озуқаворӣ ё хатари он мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ метавонанд ба муҳлати муайян аз рӯи меъёр тақсим кардани озуқаро роҳандозӣ намоянд. Дар ҶТ аз ҷониби мақомоти ваколатдор захираи давлатии озуқа ташкил карда мешавад. Захираи давлатии озуқа бо мақсади пешгирии таъмини номӯътадили аҳолӣ бо озуқа, инчунин барои расонидани кӯмаки башардӯстона сарф карда мешавад.

Тавре ки маълум аст, аз ҷониби Маҷлиси Олии мамлакат 29-уми декабри соли 2010, №671 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи таъмини амнияти озуқаворӣ” қабул карда шуд, ки Қонуни мазкур самтҳои асосии сиёсати давлатиро дар соҳаи таъмини амнияти озукаворӣ, ҳамчун қисми таркибии амнияти давлат ба танзим медарорад.

## СИФАТ ВА БЕХАТАРИИ МАҲСУЛОТИ ОЗУҚАВОРӢ

Сифат ва бехатарии озуқа барои истеъмол, ки дар ҳудуди давлат аз ҷониби шахсони хуқуқӣ ва воқеӣ истеҳсол, ворид ва фурӯхта мешаванд, тибқи ҚҶТ “Дар бораи таъмини амнияти озуқаворӣ” бояд ба талаботи қоидаҳои санитарӣ, байторӣ, фитосанитарӣ, инчунин дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда мувофиқ бошанд.

Бояд зикр намуд, ки зимни таъмин намудани аҳолӣ бо маҳсулоти озуқа дар ҶТ ба сифат ва бехатарии он диққати ҷиддӣ дода мешавад. Тибқи моддаи 2-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ” бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ – мавҷудияти боварии асоснок ба маҳсулоти хӯрокворӣ, ки истеъмоли он дар шароити муқаррарӣ барои саломатӣ зарарнок нест ва ба саломатии наслҳои ҳозираву оянда хатар надорад.

**Ҳамчунин, қайд намудан бамаврид аст, ки соли 2016 дар ҶТ Стратегияи миллии рушди ҶТ барои давраи то соли 2030 аз ҷониби Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ тасдиқ гардид ва дар асоси он ҳадафи олии рушди дарозмуҳлати Тоҷикистон ин баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардуми кишвар дар асоси таъмини рушди устувори иқтисодӣ маҳсуб меёбад. Барои ноилшавӣ ба он ҳадафҳои стратегии рушд барои понздаҳ соли оянда, аз ҷумла таъмин намудани амнияти озуқаворӣ ва дастрасии аҳолӣ ба ғизои хушсифат, вусъатдиҳии шуғли пурмаҳсул ва ғайра муайян шудаанд.**

Ҳамин тавр, таъмини амнияти озуқаворӣ яке аз ҳадафҳои муҳимми стартегии мамлакат буда, барои таъмини он тамоми заминаҳои ҳуқуқӣ, идорӣ ва институтсионалӣ фароҳам оварда шудааст. Бо итминони комил метавон гуфт ки минбаъд дар асоси шароитҳои зикршуда ва заҳмати софдилона ва самаранок мақоми ваколатдори соҳа ва халқи кишвар дар заминаи самтҳои афзалиятноки рушди кишвар, ки дар Стратегияи миллии рушди Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 пешбинӣ шудаанд, ба ин ҳадафи бузургӣ стратегӣ ноил гардид.

# ЗАБОН – ТОЛЕЪНОМАИ МИЛЛАТ

Инсоният дар таърихи мавҷудияти худ ба як қатор дастовардҳои бузурге комёб гардидааст, ки онҳо барои ҷомеаи инсонӣ нақши бағоят пурарзиш дошта, баҳри инсоният хидматҳои шоёнеро ба сомон расонида истодаанд. Яке аз чунин дастовардҳои гаронмоя, ки баҳри миллати тоҷик насиб гардидааст, ин забони тоҷикӣ махсуб меёбад. Халқи тоҷик мисли дигар халқиятҳо дорои як қатор дастовардҳоест, ки онҳо дар таърихи башарият ва тамаддуни инсонӣ нақши калидиро иҷро намудаанд. Забони тоҷикӣ яке аз беназиртарин дастоварди миллати тоҷик буда, он мисли оина таҷассумгари таърих, фарҳанг ва оини миллии мост. Забони тоҷикӣ дар арзи ҳастии худ бисёр шебу фарозҳоеро паси сар намуда, имтиҳоноти вазнини таърихиро сарбаландона паси сар намудааст ва нахи мавҷудияти миллати тоҷикро то ба мо пайваст намудааст.

**Ҳанӯз ҳазор сол муқаддам забони ноби тоҷикӣ дар давраи Сомониён мақоми давлативу коргузориро касб намуда, ба авҷи камолоти худ расида буд. Дар ташаккул ва рушди он фарзанди барӯманди миллати тоҷик Исмоили Сомонӣ бағоят бузург аст, зеро маҳз дар замони салтанати ӯ, ба забони тоҷикӣ мақоми давлатӣ дода шуд. Бо ин забон асарҳои мондагореро фарзандони фарзонаи ин миллат Рӯдакии бузургвор, Синои ҳозиқ, Ҳаким Фирдавсӣ, Берунӣ, Саъдиву Ҳофиз, Хайёму Ҷомӣ ва дигарон эҷод намудаанд, ки онҳо шуҳрати оламшумулро имрӯз касб намудаанд ва онҳо далели инкорнашаванда аз таърихи бостонии доштани миллати тоҷик шаҳодат медиҳанд.**

Пас аз сукути давлати Сомониён забони тоҷикӣ чандин маротиба зери фишори аҷнабиён қарор гирифтааст. Онҳо, ки бисёре аз осори гаронбаҳои таърихиву адабии миллати моро несту нобуд карданд ва мехостанд бо ин васила миллати тоҷикро аз байн баранд, маҳз бо воситаи забон, ки чун нури тобон нурафшонӣ мекарду ба фардои дурахшон ба қалбҳо оянда некро ҷой медод, натавонистанд ба ин нияти худ дастёб гарданд. Новобаста аз ин ҳама номеҳрубониҳои таърих гузаштагони мо дар роҳи ҳифзи марзу буми Ватани аҷдодии худ, гиромидошти тамаддун ва забони модарии худ мубориза бурдаанд ва маҳз бо шарофати доштани иродаи қавӣ ва ғурури миллии онҳо, забони тоҷикӣ бо ҳама бурду бохти худ, бо нигоҳ доштани ҷавҳари ҳастии худ то ба мо расидааст, яъне забони тоҷикӣ давраҳои душвортарни таърихиро паси сар намуда, вазифаи аслии худро иҷро намудааст, яъне, фарҳанг, оин, тамаддун ва аз ҳама дида, чизи арзишмандтарин номи миллатро бо худ нигоҳ доштааст. Зеро дар шоҳраги мардуми бумии тоҷик ҳисси ватандӯстӣ ва пос доштани дастовардҳои миллии худ, ҳамеша дар ҳаракат қарор дошт. Таърих корнамоиҳои фарзандони фидоии худро, ки дар роҳи расидан ба ормонҳои миллии худ анҷом додаанд, аз саҳифаҳои хеш ҳеҷ гоҳ зудуда нахоҳад кард ва номи неки онҳоро бо ҳарфҳои заррин ҳаккокӣ хоҳад кард.

Саҳифаҳои нави рушд ва инкишофи забони тоҷикӣ дар охири саддаи гузашта рост меояд, зеро дар нимаи дуюми солҳои 80-уми саддаи гузашта дар натиҷаи инкишофи равандҳои демократикунонии ҷомеа дар ИҶШС ҳаракату созмонҳои озодихо ба миён омаданд. Чунин равандҳо имконияти бартараф ва аз байн бурдани он норасогиҳое, ки дар сатҳи роҳбарияти олӣ вуҷуд доштанд, ба вуҷуд овард. Яке аз масъалаҳои асосии раванди демократикунонӣ ин масъалаи баробарҳуқуқии халқияту миллатҳои ИҶШС буд.

**Тоҷикистон, ки узви кишвари бузурги Иттиҳоди Шӯравӣ буд, аз чунин равандҳо бетафовут буда наметавонист. Дар назди давлати Тоҷикистон масъалаи меҳварӣ дар раванди демократикунонӣ ин муайян намудани мақоми забони тоҷикӣ буд. Бо ташаббусу талошҳои хастанопазири фарзандони хештаншиноси миллат, пешниҳод карда шуд, ки ба забони тоҷикӣ мақоми давлатӣ дода шавад ва ниҳоят 22 июли соли 1989 дар Иҷлосияи Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Қонуни забони тоҷикӣ (форсӣ)” қабул карда шуд, ки мутобиқи он дар сатҳи ҷумҳурӣ забони тоҷикӣ, мақоми давлатиро расман ба худ касб намуд. Қонуни мазкур то соли 2009 мавриди амал қарор гирифт, ки дар давоми амали худ он ба як қатор дастовардҳои бузург мусоидат намуд.**

Хушбахтона бо амри тақдир пас аз ҳазор соли бедавлатӣ, халқи баруманди тоҷик соҳиби давлати миллии хеш, яъне истиқлоли худро расман эълон намуд, ки ин дастоварди баҳри рушди минбаъдаи пояҳои давлатдорӣ замимаҳои зарурӣ ва фароҳеро фароҳам овард.

Аз рӯзҳои аввали ба ҳайси Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб гардидан, фарзанди фидоии миллат, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба идомаи сиёсати забонгустарии Исмоили Сомонӣ оғоз намуда, забонро ҳамчун рукни ҳастии миллат ба зери таваҷҷуҳи ҳамешагии давлату ҳукумат қарор дода, чунин иброз намуданд, ки: “Забон дар паноҳи давлат ва давлат дар паноҳи забон аст”. Чунин буд, ки дар як муддати кӯтоҳ мақом ва манзалати забони тоҷикӣ ба арши аълои худ расид. Вобаста ба ин дар кишвар як қатор барномаҳои давлатӣ вобаста ба рушд ва инкишофи забони тоҷикӣ қабул гардиданд. Тазаккур ба зикр аст, ки 6-уми ноябри соли 1994 бо тарики раъйпурсии умумихалқӣ Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид, ки дар асоси он ба забони тоҷикӣ мақоми давлатиро мардуми шарифи тоҷик сазовор донистанд, ки ин ташаббусҳои наҷибона ва бузурги халқи тоҷик, шаҳодати эҳтироми мардуми тоҷик нисбат ба насли гузаштаи худ мебошад. Забон на инки мавҷудияти миллатро таъмин месозад, балки таъриху тамаддун ва фарҳанги моддиву маънавии миллиро низ бо худ ҳифз менамояд. Хеле олӣ иброз намуданд Пешвои миллат: “Забони тоҷикӣ - ин ёдгории маънавии миллиамон ҳамчун оинаи таърихи деринаи халқамон инъикосгари урфу одат ва расму анъанаҳои милливу давлатдории мо мебошад”.



Исломҷон ЗИЁВАДДИНОВ
магистри соли 2

**Ҷомеа, ки ҳама вақт дар ҳолати рушд қарор дорад, бинобар ин ба талаботи замон мутобиқ намудани қонунҳо тақозои замон аст. Бо мақсади мутобиқ намудани қонуни фавқуззикр ба қоидаву имлои забони тоҷикӣ 5-уми октябри соли 2009 бо таҳрири нав таҳти №553 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” қабул гардид ва дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи рӯзҳои ид” тағйирот ворид карда шуда, ҳама сола дар кишвари маҳбубамон 5-уми октябрро ҳамчун рӯзи забони давлатӣ эълон намуданд, ки бо як шукӯҳу шаҳомати хоса ботантана таҷлил карда мешавад. Қонуни мазкур истифодаи забони давлатӣ ва забонҳои дигарро дар фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, инчунин шахсони ҳуқуқӣ, новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ, хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) ва соҳибкорони инфиродӣ танзим менамояд.**

Мо дар замоне умр ба сар мебарем, ки як қатор падидаҳое, ба монандӣ ҷаҳонишавӣ арзи ҳастӣ менамояд ва Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки узви комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ махсуб меёбад ва сиёсати “дарҳои боз”-ро пеша намудааст, аз ин рӯ, аз ин падидаҳо канораҷӯӣ карда наметавонад. Таъсири пайёмадҳои номатлуби раванди ҷаҳонишавӣ дар он зоҳир мегардад, ки кишварҳои манфиатҷӯ бо мақсади амалӣ намудани ниятҳои нопоки худ, аз махсус усулҳое истифода мебаранд, ки онҳо пеш аз ҳама таъсири хешро ба забон, фарҳанг ва шуури ҷавонон мерасонанд. Вобаста ба ин хеле олӣ иброз намуданд, Пешвои миллат «раванди ҷаҳонишавӣ ба мероси маънавии халқу миллатҳо таҳдид карда истодааст. Ягона роҳи ҳифзи ин мерос талоши ҳарчи бештар мустаҳкам намудани пояҳои муқаддасоти миллист, ки забони давлатӣ яке аз он шохсутунҳои муқаддасоти миллӣ ба ҳисоб меравад”. Аз ин рӯ, аз ҳар як насли огоҳу бедордили миллат даъват ба амал оварда мешавад, ки забони нобу шевои тоҷикиро аз таъсири равндҳои номатлуби ҷаҳонишавӣ ҳифзу намоянд, пайваста зиракии сиёсиро аз даст нагузошта, баҳри ҳифзу гиромидошти муқаддасоти миллӣ, арзишҳои милливу маънавӣ талош варзида, худро зи ҳар гуна хатарҳои ҷаҳони муосир, аз қабили терроризму ифротгароӣ, тақлидкори ба фарҳанги ғайр эмин нигоҳ дошта, баҳри бунёд обод ва шукуфон намудани Ватани маҳбубамон содиқонаву фарзандона хизмат намуда, дар атрофи сиёсати хирадмандона ва бунёдкоронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сарҷамъ гардида, муқаддасоти миллӣ, забон, фарҳанг, таммадуни оламшумули худро ҳифзу гиромӣ ва мақому манзалати Ватани маҳбубамонро дар арсаи байналмилалӣ боз ҳам боло бардорем ва пояҳои давлатдории миллиамонро боз ҳам устувортару қавитар намоем ва ин забоне, ки бо ҳама бурдубохти худ, ки бо қимати ҷони фарзандони асили ин миллат ба мо мерос мондааст, мо низ уҳдадор ва вазифадорем, ки ба наслҳоиояндаи худ ин забонро поку беолоиш мерос боқӣ гузорем.

# ЗАБОН – РУКНИ АСОСИИ МИЛЛАТ



Салоҳиддин МИРШАРОБЗОДА
магистри соли 1

Дар замони муосир ҳар як халқу миллат барои нигоҳ доштани расму оин, таъриху фарҳанги ғании худ ва ҳифзи арзишҳои миллӣ аз таъсири ҷаҳонишавӣ кӯшиш менамояд. Яке аз арзишҳои бузурги инсонӣ, ки метавонад дар ин раванд таъсири манфиро қабул намояд, забон мебошад.

Воқеан, забон бузургтарин ва арзишмандтарин арзиши миллӣ мебошад, зеро он ҳамчун яке аз рукнҳои олӣ, метавонад дар ташаккул, тараққиёт ва камолоти ҳар миллат хизмати бесобиқаеро анҷом диҳад. Маҳз забон аст, ки миллат қадами устувор ва собити худро дар шоҳроҳи худшиносӣ ва пояндагӣ мегузорад. Миллате, ки барои ҳифз ва ҳимояи забони хеш, ки муқаддастарин ва олитарин мерос аз гузаштагонаш мебошад, кӯшиш наменамояд, натанҳо ояндааш норавшан, балки ҳамчун як миллати устувору побарҷо ояндае надорад.

**Хушбахтона, дар охирҳои солҳои 80-уми асри XX эҳсоси худшиносӣ ва худогоҳии мардум боло гирифта, харакатҳои миллӣозодихоҳӣ ба вуҷуд омаданд. Дар натиҷаи талошу муборизаҳои равшанфикрону зиёиёни кишвар ба миллати тоҷик санаи 22-юми июли соли 1989 муяссар гардид, ки бо қабули Қонун "Дар бораи забон тоҷикӣ (форсӣ)" дар таърихи навини кишвар забони тоҷикиро ба мақоми давлатӣ бирасонанд, ки ин муваффақияти бузурги миллӣ буд. Миллати тоҷик аввалин мардум дар Осиёи Миёна буданд, ки барои забону фарҳанги хеш мубориза burданд.**

Бо ба даст омадани Истиқлолияти давлатӣ ва вусъат ёфтани рушди давлатдории миллӣ мақом ва нақши забони тоҷикӣ торафт баланд гардид.

Бо мустаҳкам гардидани пояҳои давлатдории миллӣ бо роҳбарии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон халқи шарифи Тоҷикистон санаи 6-уми ноябри соли 1994 бо тарики раъйпурсии умумихалқӣ Конститусияи кишварро қабул намуд, ки бевосита дар моддаи 2 он забони давлатии Тоҷикистон забони тоҷикӣ эълон карда шуд.

**Сулҳу субот, ваҳдати миллӣ ва амнияти комил дар Ватани азизамон шароит барои ҳимоя ва баланд бардоштани арзишҳои миллӣ ба вуҷуд овард. Билохира, 5-уми октябри соли 2009 Қонуни ҶТ "Дар бораи забони давлатӣ" қабул гардид, ки он аз 28 модда ва 7 боб иборат мебошад. Қонуни мазкур мақом ва вазъи ҳуқуқии забони тоҷикиро муайян намуд. Миллати тоҷик ҳар сол рӯзи 5-уми октябрро ҳамчун Рӯзи забони давлатӣ дар сатҳи ҷумҳуриявӣ бо як шукӯҳу шаҳомати хос ҷашн мегиранд.**

Дар мавриди ҳимоя, пуштибонӣ ва рушду густариши забони тоҷикӣ нақш ва мавқеи шахсияти таърихӣ, Ҷаноби Олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бузург беназир аст. Маҳз бо шарофати ин марди хирадманду дурандеш силсилаи қонунҳову қарорҳо ва дастурамалҳо оид ба забони тоҷикӣ қабул ва мавриди амал қарор гирифтанд, ки онҳо мақому манзалати забони тоҷикиро хело боло бурданд. Дар яке аз суханрониҳои худ, Сарвари давлат иброз намуданд: "Забон рукни асосии миллат ва давлат аст. Миллату давлат соҳиб ва пуштибони забонанд. Забон омили асосии рушду камоли миллат ва давлат аст. Ин аст, ки забон ва давлату миллат дар паноҳи якдиганд". Пуштибонӣ аз забон ва поку беолоиш нигоҳ доштани он натанҳо вазифаи миллату давлат, балки вазифаи муқаддаси ҳар як фарди хирадманд ва худогоҳи тоҷик мебошад.

Имрӯз забони коргузорӣ, забони санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, забони кории Қувваҳои Мусаллаҳи ҶТ, забони таҳсил, забони илм, забони ҷорабиниҳои фарҳангӣ, забони воситаҳои ахбори омма, забони эълону реклама, забони иттилоот ва коммуникатсия, номгузории ташкилоту маҳалҳо дар кишвар ҳама бо забони тоҷикӣ аст, ки ин муваффақияти бузурги миллӣ дар замони соҳибистиқлолии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Садо додани забони нобии тоҷикӣ аз ҷониби Пешвои миллат дар созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ воқеан ҳам қалб ва рӯҳу равони ҳар шахсро, ки зарраи меҳру муҳаббат ба Ватан дораду аз таърихи ниёгони хеш бохабар аст, равшан менамояд.

Дар раванди ҷаҳонишавӣ ва таъсирии манфии он ба ҷомеаву давлатдории миллӣ халқи шарифи Тоҷикистонро зарур аст, ки ҳамеша зираку хушёр ва худогоҳу худшинос бошанд. Ватан, забон, фарҳанг ва дигар арзишҳои миллиро муқаддас ва аз самими қалб дӯст доранд.

# ИСТИҚЛОЛИЯТ ВА ДАСТОВАРДҲОИ МИЛЛӢ

30 сол мешавад, ки олимон, шоирон, адибон, сиёсатмадорон ва рӯшанфикрони давр ба мо дар хусуси Истиқлолият ҳарф мезананд. Чӣ маъно доштани ин мафҳумро фаҳмондан меҳоҳанд. Мухтавояшро шарҳ медиҳанд. Аз таърих мисолҳо меоранд ва қиссаву наклҳо мепардозанд.

**Воқеан, чист Истиқлолият? Кадом омилҳо боиси таҳким бахшидани Истиқлолият шуда метавонанд? Агар одитар карда гӯем, чӣ метавонад моро водор созад, то аз соҳибистиқлолии хеш бифахрем?**

Истиқлолият барои мардуми тоҷик мисли ҳама мардуmoни собиқ Иттиҳоди шӯравӣ бахти бозгаштае буд. Аммо сад афсӯс, ки ба қадри ин неъмати бебаҳо на ҳама расида тавонист. Аз рӯзҳои аввали соҳибистиқлолӣ ҷумҳурӣ ба майдони ҷангу набарди гурӯҳҳои манфиатхоҳ табдил ёфт. Мутаассифона вақте мо имрӯз дар бораи истиқлолият сухан бигӯем, наметавонем он рӯзҳои шумро ба ёд наоварем.

**Дар солҳои аввали соҳибистиқлолӣ аниктараш соли 1991 ҷангу низоъ, қатлу ғорат дар ҳудуди Ҷумҳурӣ ба ҳадде расид, ки кам фурсати дигар монда буд, то Тоҷикистон чун давлати мустақил аз харитаи ҷаҳон абадан нест шавад. Хушбахтона, дар ҳамин ҳангом марде чун Рустами Достон ба майдони сиёсат ворид шуд.**

Дар иҷлосияи XVI-уми Шӯрои Олӣ, ки боз ҳам бо сабаби нотинҷии пойтахти кишвар, дар шаҳри Хуҷанд гузаронида шуд, соли 1992 Эмомалӣ Раҳмон раиси Шӯрои Олӣ интихоб гардид. Суҳбати аввалин, иқдоми аввалин ва кори аввалини ӯ аз сулҳ оғоз шуд. Сулҳи деринтизор, сулҳи наҷотбахш, сулҳи ормонӣ!

**Имрӯз мо аз муваффақияту комёбӣ бо хушӣ сухан мегӯем, зеро он боиси ифтихор аст. Аммо набояд он рӯзҳои сахту сангин, ки сабабгораш содадилӣ, зудбоварӣ, гумроҳии мардуми тоҷик буд фаромӯш шаванд.**

Гузаштаро надониста мо наметавонем ояндаи хешро бунёд созем. Зеро ҷанги шаҳрвандӣ ба бучети кишвар миллионҳо сомонӣ зарар расонида, муҳимтар аз ҳама ҷони садҳо нафар ҷавонмардону ҷавондухтаронро аз байн бурдааст. Садҳо нафар модарон ҷигарбандони худро абадан аз даст дода, ҳазорон нафар кӯдакон ятим ва бехонаву дар монданд. Ин аст, ки вақте 27 июн чун рӯзи Ваҳдати миллӣ эълон карда шуд, он дар сартосари кишвар ботантана ва шукуҳи хосса таҷлил гардид. Имрӯз ҳам он яке аз муҳимтарин идҳои мамлакат ба шумор меравад.

Акнун назди роҳбарияти олии кишвар ҳалли мушкилии роҳҳои дохилӣ ва берунмарзӣ меистод. Бо ҷалби маблағгузорӣ ва шартномаҳои байнидавлатӣ роҳҳо ва нақбҳои зиёде канда ва таъмин карда шудаанд, ки имкон дод то кишвар аз гумбасти комуникатсионӣ баровардa шавад. Нақбҳои «Шар - шар», «Анзоб», «Чормағзак», «Шаҳристон», роҳҳои «Роҳи абрешим», «Душанбе - Хоруғ - Мурғоб», « Душанбе - Рашт - Саритош», аз ҷумлаи он лоиҳаҳое ҳастанд, ки бо татбиқ намуданашон сатҳи иқтисодиёти кишвар батадриҷ боло бардошта шуд.

**Мушкилии дигаре, ки аз аввали солҳои соҳибистиқлолӣ ҳукумату аҳолии кишварро ба танг оварда буд, ин таъмини барқ дар фасли зимистон ба ҳисоб мерафт. Бо ҷалби сармоягузорони хориҷӣ дар ҷумҳурӣ сохмони нерӯгоҳҳои бузург мисли «Сангтӯда-1», «Сангтӯда-2» шурӯъ гардид. Чандин нерӯгоҳҳои хурду миёна ба истифода дода шуданд. Таҷрибаи сохтмонӣ дар нерӯгоҳҳои номбаршуда фазои мусоит фароҳам оварда, то бунёди иншооти аср сохтмони НБО-и «Роғун» роҳандозӣ шавад.**

Дар хусуси ободкориҳое, ки имрӯз дар пойтахти кишвар, шаҳри Душанбе карда мешавад, ҳаминро гуфтан кофист, ки соли гузашта рӯзномаи бонуфузи байналмиллалӣ «Financial Times» дар қатори 8 кишвари олам ба хонандагони сершумори худ тавсия намудааст, то аз ҷумҳурии Тоҷикистон дидан намоянд.



Фаридун ТОШЕВ
донишҷӯи соли 1

**Маҳз ин ва дигар дастовардҳое, ки дар муддати камтар аз 30 сол ба даст омаданд, метавонад дар таҳкими истиқлолият ва ифтихори миллӣ нақшгузор бошанд. Маҳз ба воситаи ободкорӣ, созандагӣ дар дили насли ҷавон муҳаббат ба ватан, ба озодӣ ва ба истиқлолият бедор мегардад. Ҳамин дастовардҳои миллӣ ҷавононро ба ояндаи дурахшон дилгарм месозанд. Пас лозим аст, ки барои бештар гардонидани дастовардҳои миллӣ ва бунёду созандагӣ ҳамагон бештару бештар меҳнату заҳмат кашем ва ба насли оянда як кишвари гулгулшукуфонро боқӣ гузорем.**



# КОНСТИТУТСИЯ – ҲУҶҶАТИ ТАҚДИРСОЗ

Яке аз муҳимтарин рӯйдодҳои таърихи навин ва дастоварди бузурги халқи тоҷик ин қабули Конститутсияи ҶТ мебошад. 6-ноябри соли 1994 дар давраи ниҳоят ҳассоси сиёсиву иҷтимоӣ, ки оташи ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ аланга мезад, аз ҷониби мардуми фарҳангсолор бо дарки масъулияти бузург тавассути райъпурсии умумихалқӣ қонуни асосии давлат – Конститутсияи ҶТ қабул карда шуд.

Баъд аз қабули Конститутсия дар мамлакат ислоҳоти фарогири сиёсиву ҳуқуқӣ ва иқтисодиву иҷтимоӣ оғоз шуда, тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа ва давлатро ба танзим даровард.Ин қонуни асосиро метавон шиносномаи давлат ва миллат номид,ки бори нахуст Тоҷикистонро ба ҷаҳониён чун давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона муаррифӣ намуд, забони тоҷикиро ҳамчун забони давлатӣ эълон ва рамзҳои давлатии мамлакатро муайян кард, ҳуқуқу озодии инсон ва шаҳрвандро арзиши олӣ ва халқро баёнгари соҳибихтиёрӣ ва сарчашмаи ҳокимияти давлатӣ эътироф намуд.

Аз ин лиҳоз, ҳар як шаҳрванди мамлакат ин санади тақдирсозро азизу муқаддас меҳисобад, зеро он ҳуқуқу озодиҳои ҳар кадоми онҳоро






Мансур МАҲМУДОВ
донишҷӯи соли 4

ба сифати арзиши олӣ эътироф намуда, ҳифзи қонунии як силсила ҳуқуқҳои фитрии инсон, аз ҷумла дахлнопазирии ҳаёт, қадр, номус, инчунин озодии виҷдону эътиқод ва дигар ҳуқуқу озодиҳои ӯро кафолат медиҳад.Эҳтиром ба Конститутсия эҳтиром ба ҳуқуқҳои худ ва дигарон мебошад.

Аз ин рӯ, бо шукргузорӣ аз сулҳу субот, оромию ваҳдати миллӣ мо бояд бо тамоми ҳастӣ манфиатҳои милливу давлатии хешро ҳифз намоем ва ба муқаддасоту дастовардҳои он арҷ гузорем ва боз ҳам кӯшиш намуда, Тоҷикистони азизро ба як кишвари пешрафта мубаддал созем.

# КОНСТИТУТСИЯ- ДАСТОВАРДИ БУЗУРГИ ИСТИҚЛОЛ



Ҳасанҷон МАҲМУДҶОНОВ
донишҷӯи соли 3

Яке аз дастовардҳои бузурги замони Истиқлолият қабули Конститутсия мебошад, ки соли 1994 ба тариқи раъйпурсии умумихалқӣ қабул гардидааст. Бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ қабул шудани Конститутсияи навини Тоҷикистон шаҳодати он аст, ки он мувофиқи мақсаду мароми халқ қабул карда шуда, меъёрҳояш барои ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои халқи Тоҷикистон равона шудаанд ва маҳз ин ҳолат ифодакунандаи мақсаду моҳияти Конститутсияи амалкунандаи ҶТ аст.

Конститутсияи ҶТ асосҳои сохтори конститутсионии Тоҷикистонро ҳамчун давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ, ягона ва иҷтимоӣ мустаҳкам намуда, тағйирнопазирии онро дар шакли идораи ҷумҳуриявӣ, тамомияти арзӣ, моҳияти демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва иҷтимоии давлат кафолат медиҳад.

Меъёрҳои Конститутсияи Тоҷикистон ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро кафолат дода, дар худ падидаҳои конститутсионӣ ба мисли баробарҳуқуқии инсон, арзиши олӣ доштани ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд, дахлнопазирии шахсият, соҳибихтиёрии халқ, кафолати ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, принсипи инсондӯстӣ, дар асоси принсипи таҷзияи ҳокимияти давлатӣ тартиби ташкил ва фаъолияти мақомоти давлатиро таҷассум менамояд.

Ин санади муқаддас ва тақдирсоз чун чароғи фурӯзон роҳи рушди давлати соҳибистиқлоли тоҷикон ва мардуми онро барои садсолаҳо мунаввар сохт.

Бархӯрди тамаддунҳо, омезиши фарҳангҳо ва вазъи мураккаби баъзе минтақаву давлатҳои ҷаҳон ҳар як фарди бедордил ва бонангу номуси ҷомеаро водор месозад, ки қадру манзалати сулҳу оромиро хуб дарк намояд ва дар доираи Конститутсия ба хотири ободиву пешрафти Ватани маҳбубамон талош варзад.

# ОМӮЗГОР – СИПАРИ БОЭЪТИМОДИ ҶОМЕА

**Ҷӯянда кушояндаи асрор**
**муаллим,**
**Заҳматкашу пуртоқату**
**пуркор муаллим.**
**Деҳқони тараббахши**
**дабистони саодат,**
**Дарёдилу дунёдилу ғамхор**
**муаллим.**

“Омӯзгорӣ шуғл нест, омӯзгорӣ ишқ аст. Агар ҳамчун воситаи рӯзгоргузаронӣ интихобаш кардаӣ, пас раҳояш кун! Агар он ишқи туст, муборакат бошад.”

Муаллим, устод ба қавли бузургон, муҳандиси рӯҳии инсон аст. Тавре ки муҳандис нақшаи кореро ташкил месозад, муаллим низ аз рӯзи аввал ба шогирдон адаб меомӯзад ва онҳоро ба ҳаёти солими оянда омода мекунад. Заҳмати беандозаи омӯзгори бузург, метавонад роҳбаладӣ шогирди пурзаковат гашта, соҳибмаълумоташ гардонад. Дуруст аст, ки муаллим роҳнамову нишондиҳанда, созкору ибратомӯз ва мададрасони фарзанди инсон дар роҳи ростиву росткорӣ ва омӯзишу бурдбориҳост. Хуррам онест, ки сазовори номи узургу ин касби пуршараф аст.

Омӯзгор касест, ки ҳамеша дар ҷустуҷӯи навоварист. Аммо донистану аз худ карданӣ навоварию ҷамъи рафтору гуфтори нек ба кас ба осонӣ муяссар намешавад. Чандон осон нест, ки аз тифле, ки аз олами маънӣ хабаре надорад, олиме сохт.

**То ин ки тифл хонаду**
**соҳибҳунар шавад,**
**Устоди меҳрубони ӯ хуни**
**ҷигар шавад.**

Даме, ки устод шогиди ба ҷон парвардаашро рӯи коре мебинад, беихтиёр мефахрад, ки нахли парвардааш самаре додааст. Меболад, ки тавонистааст, маҳсули заҳмати беандоза ва дастранҷи заҳматталаби хешро бо бузурге пайвандад.

Дар бораи муаллим ва бузургии ӯ суханон хеле зиёданд, ки мо бо ҷумлае аз Афлотун онҳоро хулоса мекунем: “Он чи сабаб шавад, ки нестӣ сурати ҳастӣ бигирад, офариниш ва халлоқият аст. Аз ин рӯ, ҳама устодон ва ҳунармандон халлоқ ва офаринишгаранд.” Ҳамин тариқ, пояи иззати муаллим то ба он ҳад баланд аст, ки дигар ҳеҷ пешае он мартабаро надорад, зеро тамоми касбиятҳои дигар низ эҳтиёҷ ба заҳмати омӯзишу парвариши муаллим доранд.

Имрӯзҳо, Сарвари давлати мо маорифро дар мадди аввали сиёсати худ гузоштаву барои рушди он иқдоми ҷиддӣ мегирад. Омӯзгорро сипари боэътимоди ҷомеа шумурда, пешрафту тараққии соҳаи маорифро ба эшон вобаста медонад.



Муҳтарама РАСУЛОВА
донишҷӯи соли 2

Донишмандону маърифатпарварони ҳама давру замонҳо ба муаллим эҳтироми хосса доштанд. Ба ёд биёред суханони падари Садриддини хурдакакро аз “Ёддошт”-ҳои Айнӣ, ки ба писараш чунин васият кард: “Писарам хон, дар вазъияте, ки набошад, хон”. Муаллим аз ҳар як норасоиву носазоиҳо ва беаҳамиятии шогирдони худ ба изтироб меафтад. Қуввати худро барои таълиму тарбияи фарзанди мардум дареғ намедорад. Мекӯшад, ки бо вуҷуди машаққатҳои зиёду бепоён шогирд ба воя расонад ва соҳибмаълумот гардонад.

Хулоса, муаллим касест, роҳнамою ҳидояткунанда, мунису ғамхор, дӯсти беғаразу ислоҳкори ҳамон норасоиву нуқсонҳои инсон. Муаллим пешвою омӯзандаи алфози неку таҷассумгари ростию росткорист, ки машҳуртарин бузургони рӯи оламро навиштану хондан ва гуфтору рафтори дуруст омӯхтааст.

# БУЗУРГИИ МИЛЛАТ – БУЗУРГИИ ЗАБОН


Абдуҷабори АБДУКАРИМ
донишҷӯи соли 4

З Забон яке аз василаҳои асосии таҳкими сулҳу ягонагии халқу миллатҳои гуногуни ҷаҳон ба шумор меравад. Он унсури асосӣ ва нишондиҳандаи фарҳангу тамаддуни миллат буда, дар рушду нумуи давлатдории миллӣ нақши босазо дорад. Забон ҳамчун нишонаи асосии ҳастии миллат буда, яке аз муқаддасоти асосии давлатдории миллӣ дониста мешавад. Таърихи башарият, махсусан таърихи миллати тоҷик нишон медиҳад, ки давлатҳои бостонии мо ҳамеша кӯшиш мекарданд, то барои устувор сохтани пояҳои давлатдории хеш ҷонҳисориҳои зиёде намоянд. Яке аз чунин хизматҳои шоён баланд бардоштани мартабаи забони модарии хеш ва дар сатҳи расмии давлатдорӣ онро мавриди истифода қарор додан буд. Аз ин рӯ, ҳар шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифадор аст, ки забони давлатиро донад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода, ҳимоя ва рушди забони давлатиро таъмин менамояд. Тавре ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, зикр намудаанд: «Фаромӯш набояд кард, ки забони тоҷикӣ яке аз қадимтарин забонҳои зиндаи ҷаҳон маҳз дар Мовароуннаҳру Хуросон ташаккул ёфта, ба эҳёи тафаккури миллии форсизабон ва густариши адабиёти классикии тоҷику форс замина гузоштааст. Ваҳдати миллӣ ва истиқлоли миллӣ бе забони модарӣ тасаввурнопазир аст».

Лоиқ Шералӣ дар васфи забони модарӣ таассуроти худро ба таври мукаммал ба қалам кашидааст:

**Бок не гар доварӣ гум кардааст,**
**Ё умеди сарварӣ гум кардааст.**
**Захр бодо шири модар бар касе,**
**К-ӯ забони модарӣ гум кардааст.**



## ТАЪЗИЯНОМА

Садорат, устодону кормандони факултети ҳуқуқшиносӣ ва идораи рӯзномаи «Минбари ҳуқуқшинос» ба ассистенти кафедраи ҳуқуқи байналхалқӣ Қурбонов Ҷумахон нисбат ба вафоти

**БАРОДАРАШ**

изҳори тасаллият менамоянд.

Садорат, устодону кормандони факултети ҳуқуқшиносӣ ва идораи рӯзномаи «Минбари ҳуқуқшинос» ба мудири кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Сангинов Дониёр нисбат ба вафоти

**АМААШ**

изҳори тасаллият менамоянд.

# ИСТИҚЛОЛИЯТ – НЕЪМАТИ БЕБАҲО

То чӣ андоза муқаддас ва гуворост ин вожаҳо – озодӣ , сулҳу субот ва якдигарфаҳмӣ. Озодӣ мурғи ҳумост, кӣ ҳазорон ҳазор одамон аз пайи онанд, олиҳаест, кӣ ҷони ширини худро қурбон месозанд, армонест, кӣ паррандада дар ҳаво, чарранда дар замин, моҳӣ дар зери об орзуи онро доранд.

Баъд аз пош хурдани Иттиходияи Шуравӣ собиқ давлатҳои узви он паи ҳам истиқлолият ба даст даровrouterанд ва кишвари мо низ яке аз ин давлатҳо буд.




Халқи тоҷик баъди зиёда аз ҳазор сол аз нав соҳиби давлати мустақили миллӣ гардида, мақому манзалати хоса касб намуд. Барои миллат ин бахти нодир ва воқеӣ хеле бузургу фараҳбахш аст. Дар зери мафҳуми истиқлолият озодию дӯстӣ сулҳу якдигарфаҳмиро метавонем мушоҳида намоем.

Тоҷикистон, ки ба сӯи ҷомеаи демокративу дунявӣ қадамҳои устувор мениҳад, бе ваҳдати ақлу амали ҳар як сокини худ наметавонад аз ин имтиҳони ҷиддии таърихӣ бигзарад. Рушди замони муосир ба кашфи техникаи нав, ихтироъкорӣ, заҳмату талошҳои шабонарӯзӣ, робита бо мамлакатҳои пешрафтаи ҷаҳонӣ, чун кишвари озод эътироф кардааст, ки мо бояд мисли ангуштҳои як даст, шохобҳои як руд, гулҳои як чаман, фарзандони як модар амал намуда, дар эъмори давлати воқеии дунявӣ саҳм бигзорем ва танҳо ба ифтихори миллат талош варзем.

Имрӯз Тоҷикистони азизи мо тибқи муқарраroти меъёри давлатдорӣ соҳиби Парчами миллӣ, Нишон ва Суруди миллии худ мебошад. Парчами давлатӣ бо рангҳояш ҷаҳониёнро бо анъанаҳои миллӣ ва қаҳрамониҳои тоҷикон ошно месозад. Бо эътимод метавон арз намуд, ки бо неруи ақлони ва ҷисмонӣ мо метавонем Истиқлолияти давлатии худро ҳифз намоему ватанамонро ободу зебо гардонем.


Айниддин НАБИЕВ
донишҷӯи соли 4

Мо бояд зиракии сиёсиро аз даст надода, камари ҳиммат бандем ва Тоҷикистонро ба ҷаҳониён муаррифӣ намоем. Агар ба мамлакатҳои ҳамсоя назар афканем, хуб дарк мекунем, ки онҳо дар чӣ вазъият ҳастанд. Афғонистон мамлакатест, кӣ тӯли чандин сол аст ҳаст, кӣ дар он ҷо ҷангу ҷидол ва хунрезист. Чандин кӯдакони бегуноҳ, ҳаррӯз ҷони худро аз даст медиҳанд, магар онҳо намехоҳанд дар мамлакаташон мисли Тоҷикистон сулҳу субот, дӯстию якдигарфҳмӣ ва осудагӣ пойдор бошад. Озодӣ орзуи ҳар як мавҷудоти зиндаи рӯйи замин ба ҳисоб меравад. Аз ин лиҳоз, мо бояд сокинони мамлакат ба қадри ин неъмати бузург, яъне истиқлолият расем.

# ОМӮЗГОР ВА ТАРБИЯИ НАСЛИ НАВРАС


Садбарг ИСЛОМОВА
донишҷӯи соли 2

**Ҷомеае, ки ба аҳли маориф, устод-омӯзгор, зиёӣ эҳтиром намегузорад, ба пешрафт ноил намегардад.**
**Эмомалӣ Раҳмон**

Пешаи омӯзгорӣ чун қуллаи нурафканест, ки тамоми касбу вазифаҳои олам аз он сарчашма мегиранд. Бузурге чунин гуфтааст: “Ба муаллимон вазифаи беҳтарине супорида шудааст, ки болотар аз он дар зери хуршед чизе буда наметавонад”.

Дар зери ибораи муаллим мафҳуми бузургӣ роҳи солимӣ зиндагонии инсоният ниҳон аст. Ҳанӯз аз солҳои аввали тараққиёти дар шуури одамон, инсоният барои зинда мондан дар ҷомеа, тарбият барои интихоби роҳи дурусти ҳаёти худ, ба босаводии табақаи ниёз дошт. Дар ҷомеа нахустин мактаб ва дабистонҳоро ташкил намуда, аз хурдсолӣ фарзандони худро тавассути муаллимон ба ҷомеа омода менамуданд.

Хамасола дар тамоми дунё рӯзи байналмиллали омӯзгор ҷашн гирифта мешавад. Дар давлати соҳибистиқлоли мо ҳамин рӯзи фархунда дар сатҳи давлатӣ ҷашн гирифта шуда, ҷамбасти якчанд озмунҳо ва барномаҳои давлатӣ вобаста ба меҳнату комёбиҳои омӯзгорон барпо ва гузаронида мешавад. Ногуфта намонад, ки ҳамасола 30% маблағҳои буҷетии давлатӣ ба маориф равона мегардад, ки ин аз дигар тараф таваҷҷӯҳи хосси роҳбари давлат Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар бар мегирад.

Омӯзгор он шахсияти бузург ва нотакрорест, ки бо чароғи ақл олами фикри моро равшан намуда, дунёи пурасрори илмро муарифӣ мекунад.

**Чун падар ғамхор**
**ҳастӣ бахри ман,**
**Дар дили мо кардаи**
**ҷо меҳри ватан.**
**Доимо фархундаву**
**болида бош,**
**Эй муаллим, роҳбари**
**волосухан.**

# КОНСТИТУТСИЯ – МУҚАДДАСОТИ НОДИРИ МИЛЛАТ

**6 ноябри соли 2021 ба мавҷудияти волотарин ва муҳимтарин санади ҳуқуқии кишвар – Конститутсияи давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон 27 сол пур мешавад.**



**Баҳодур АБДУЛЛОЗОДА**
**ассистенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсия**




**Аҳамияти фавқулода бузурги Конститутсия дар таҳкими пояҳои иҷтимоию иқтисодӣ, ҳуқуқӣ ва идеологии давлати тозаистиқлоли тоҷикон тавассути тағйирнопазир эълон шудани на танҳо шакли идора, балки моҳияти ҳуқуқбунёдӣ, дунявӣ, демократӣ ва иҷтимоии давлат ба таври барҷаста аён мегардад.**

Ғайр аз ин, ҳуқуқҳои асосӣ, мувозинати манфиатҳо, ҳисоботдиҳӣ, намояндагӣ, идоракунии пурсамар, баровардани қарорҳои босалоҳият, шафофият ва ошкорбаёнӣ – омилҳое мебошанд, ки аз рӯи сабт ва кафолати таъмини онҳо дар қонунҳои асосӣ инкишофи демократӣ бебозгашт хоҳад шуд. Ҳатто аз рӯи ин назар, метавон бо гузашти 27 сол ба Конститутсияи Тоҷикистон баҳои мусбат дод.

Новобаста аз муҳлати хеле кӯтоҳи қабули Конститутсия институтҳои демократӣ дар Тоҷикистон рушди муътадил пайдо кардаанд, чунончи интихоботҳои Президенти ҶТ, Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ, Маҷлиси вакилони халқ озоду демократӣ, саривақт ва бо иштироки мушоҳидони дохиливу хориҷӣ баргузор гардиданд.

Конститутсияи ҶТ беҳтарин арзишҳои ҷомеаи ҷаҳониро дар худ инъикос кардааст, аммо ин маънои онро надорад, ки бе инкишофи баланди шуури ҳуқуқӣ худ аз худ Конститутсия ҷомеаро дигар мекарда бошад. Сатҳи шуури ҳуқуқӣ аз худшиносии миллӣ, фаъолияти ҳуқуқии мардум ва сатҳи инкишофи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ вобастагии амиқ дорад.

Маҳз ҳамин гуна сатҳи шуур ва худшиносӣ дар тинати мардуми тоҷик буд, ки хавфи таназзули давлат дар солҳои душвори 1993-1997 аз байн рафт. Бинобар ин, муҳимтарин заминаи ҳуқуқӣ барои таҳкими Ваҳдати миллӣ, ислоҳи вазъи иқтисодӣ, рӯ ба ҷомеаи ҷаҳонӣ овардани Тоҷикистон қабули Конститутсия дар марҳилаи душвору пурихтилофи баъди се соли истиқлолият буд.

Маҳз бо шарофати ҷидду ҷаҳд ва талошҳои пайгиронаи шабонарӯзии Пешвои миллат аз нав эҳёгардии тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ аз ислоҳоти қонунгузорӣ дар партави Конститутсия оғоз шуд. Хусусияти аз ҳама муҳим ва ҷолиби диққати Конститутсияи амалкунанда дар он зоҳир гардидааст, ки ба ягон мафкураи ҳизбӣ ё ташкилоти диниву сиёсӣ асос намеёбад.

Баъди 27 соли амали Конститутсия метавон хулоса кард, ки маҳз ҷиҳати такмили қонунияти конститутсионӣ пояҳои демократияи давлати Тоҷикистон мустаҳкам гардонида шуданд.

**Баҳри ҳифзи Конститутсия мақоми махсуси ҳокимияти судӣ оид ба дифои конститутсия – Суди конститутсионӣ ташкил карда шудааст, ки вазифаи он муайян кардани мувофиқати қонунҳо, санадҳои ҳуқуқии Президенти ҶТ, Маҷлиси Олӣ, Ҳукумат , Суди Олӣ, Суди Олии иқтисодӣ ва дигар мақомоти давлатию ҷамъиятӣ бо меъёрҳои Конститутсия мебошад.**

Оид ба масъалаи қонуният ва тартиби амалигардонии муқаррароти Конститутсия андеша баён намуда, иқрор шудан лозим аст, ки бидуни интихоби шакли мувофиқи идоракунии давлатӣ, яъне ҷумҳурии президентӣ ба ташаккули конститутсионализм – назария ва амалияи ташкили ҳаёти давлативу ҷамъиятӣ мувофиқи Конститутсия муваффақ шудан ғайриимкон буд.

Ғайр аз ин, конститутсионализми ҳозиразамон эътирофи бечунучаро ва дар амал бе монеа татбиқшавии номгӯи васеи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва афзалияти ҳуқуқи инсонро нисбат ба манфиатҳои давлат пешбинӣ мекунад, ки марҳилаи ҳозираи рушди қонуният аз воқеӣ будани ин амал низ баръало гувоҳӣ дода метавонад. Қонунҳои амалкунандаи ҶТ аз тарафи мақомоти қонунгузор мутобиқи Конститутсия қабул гардида, меъёрҳои он бевосита ба ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ҳамчун арзиши олӣ равона гардидаанд.

Вазифаи муҳимтарин, ба андешаи мо дар заминаи Конститутсия коркарду таҳияи қонунҳоест, ки ба танзими оқилонаи муносибатҳо дар соҳаи иқтисодиёту иҷтимоиёт дар ин марҳила вобаста бошанд. Барои иҷрои ин амал, аз дастури Пешвои миллат, истифода бояд кард, ки чунин қайд мекунанд: «Мо бояд эҳтироми ин санади танзимгари ҳаёти ҷомеаро омӯзем, аз имкониятҳои он ҳар чи бештар истифода барем ва дар ниҳояти кор ба он муваффақ шавем, ки риояи ҳатмии он барои ҳар як шаҳрванди мамлакат ҳам фарзу ҳам суннат гардад». Воқеан, ҳифзи Конститутсия ва қонунҳои кишвар вазифаи аввалиндараҷаи ҳар як шаҳрванд ба ҳисоб меравад. Чунки ин санади ҳуқуқӣ яке аз арзишҳои муҳимми миллӣ ба ҳисоб рафта, сарчашмаи низому тартибот дар мамлакат мебошад.

***Дар охир, устодон, донишҷӯён ва тамоми ҳамватанони азизро ба муносибати 27-умин солгарди рӯзи қабули Конститутсияи ҶТ аз самими қалб табрику таҳният гуфта, ба онҳо бурдборӣ, рӯзи наку, муваффақияту комёбиҳои беинтиҳоро хоҳонам.***